*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 87 - 88 (4507 - 4508) | СЕШАНБЕ, 19 ИЮЛИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА НОҲИЯИ ХОВАЛИНГ



**16 июли соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ аз вазъи зиндагии мардум, мавриди истифода қарор додани иншооти гуногун, мақсаднок истифода бурдани заминҳои наздиҳавлигию саҳроӣ ва суҳбату мулоқот бо сокинон ба ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ташриф оварданд.**

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оромгоҳи ҳазрати Султон Увайси Қараниро зиёрат карда, баҳри пойдории ваҳдату оромӣ, рушди босуботи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва саодатмандию сарбаландии миллати тоҷик дуоюю фотиҳаи нек намуданд.

Оромгоҳи Султон Увайси Қаранӣ дар мавзеи хушбоду ҳаво ва табиати нотакрори ноҳия ҷойгир буда, ҳар рӯз онро сайёҳони дохилию хориҷӣ зиёрат мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки дар ноҳияи Ховалинг ду ширкати сайёҳӣ, 15 меҳмонхона, чор мавзеи сайёҳӣ, ду тарабхона, ду осорхона, 60 ёдгории таърихӣ, ду мағозаи фурӯши армуғон, се зиёратгоҳ, боғи фарҳангиву фароғатӣ мавҷуд аст. Теъдоди сайёҳон дар нимсолаи якуми соли 2022-юм 15,6 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои зиёрат ва шиносоӣ бо имкониятҳои мавзеи сайёҳӣ боз ҳам ободу зебо гардонидани атрофи оромгоҳ ва риояи суннату анъанаҳои хоси миллиро ҳангоми ташрифу боздиди сайёҳону меҳмонон зарур шуморида, ба масъулин дастурҳои муфид доданд.

**Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Ҷомбахт»-и ноҳияи Ховалинг намоиши фурӯши доимии гулу гиёҳҳои шифобахш ва маҳсулоти доруворииеро, ки аз онҳо омода мешаванд, аз назар гузаронидаанд.**

Сокинон гулу гиёҳҳои шифобахши аз лиҳози экологӣ тозаро аз кӯҳ ва талу теппаҳои ноҳия ҷамъоварӣ ва дар шароити хона бандубаст менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз намоиш, бо назардошти сайёҳӣ будани минтақа, ба сокинон ҷиҳати истифодаи оқилонаи неъматҳои табиӣ ва ба ин роҳ боз ҳам беҳтару хубтар гардонидани сатҳу сифати зиндагиашон дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ховалинг коргоҳи истеҳсоли макаронро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд, ки дар доираи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар аз ҷониби роҳбарият ва муассисони ҶСК «Ховалинг» сохта шудааст.**

Дастрасии дастгоҳу механизми муосири соҳавӣ имкон фароҳам меорад, ки чор номгӯи макарон дар як шабонарӯз 1,5 тонна ва дар як моҳ 45 тонна истеҳсол карда шавад. Инчунин, дар оянда марҳилаи дуюми коргоҳи истеҳсоли макарон бунёд карда шуда, бо ин васила, ҳаҷми истеҳсол дар як сол ба 1000 тонна расонида мешавад. Зимнан, бо мавриди истифода қарор гирифтани иншоот 10 сокини маҳаллӣ, ки 8 нафарашон занону духтарон мебошанд, бо ҷойи кори доимӣ таъмин гаштанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ аз имкониятҳои коргоҳи истеҳсоли макарон, бо сифати баланд истеҳсол намудани маҳсулот, фаъолияти доимӣ, афзоиш бахшидани самти фаъолият ва бо ин васила, зиёд намудани ҷойҳои кору таъмини саривақтии талаботи сокинон бо ин маҳсулоти хӯроквориро зарур шуморида, бо назардошти имкониятҳои фарохи ноҳия, дар самти афзун намудани иқтидори истеҳсолӣ ба масъулон дастуру супоришҳои хоса доданд.

Пас аз ифтитоҳи коргоҳи истеҳсоли макарон дар ҳамон ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намоишгоҳи маҳсулоти саноатию кишоварзиро аз назар гузарониданд, ки дар он панҷ навъ асал, маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, аз қабили меваю сабзавот, хушкмева, шарбату консерва, ғалладонагиҳо ва маҳсулоти истеҳсолии коргоҳу корхонаҳои саноатии ноҳия, ба тамошо гузошта шуд. Ҳамчунин, техникаву механизми соҳаи кишоварзӣ, ки омодаи кор мебошанд, ба намоиш гузошта шуда, иқтидори соҳаи кишоварзии ноҳия муаррифӣ гардид.

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ховалинг, ҳамчунин, Коллеҷи тиббии ғайридавлатиро ба истифода супурданд.**

Он дар маркази ноҳия аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ Исмоил Садиров ва Абдулло Ҳасанов бахшида ба 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёд ёфта, масоҳати умумиаш 0,50 гектарро дар бар мегирад.

Бинои сеошёнаи коллеҷ аз 16 синфхонаи таълимӣ, китобхона, ду толор барои гузаронидани дарсҳои лексионӣ, маҷлисгоҳ, ҳуҷраҳои омӯзгорону дигар иншооти ёрирасон иборат аст. Синфхонаи компютерии он бо 20 компютер ва дастгоҳҳои зарурии муосир таъмин мебошад.

Муассиса барои ба таълим фаро гирифтани 330 донишҷӯ дар ду баст пешбинӣ шуда, бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани он 40 нафар, аз ҷумла 28 нафар бо маълумоти олии тиббӣ ва 12 нафар бо маълумоти олии омӯзгорӣ, соҳиби ҷои кори доимӣ ва маоши хуб гардиданд. Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар муассисаи таълимии навбунёд таълим аз рӯи чор ихтисос, аз қабили кори ҳамширагӣ, момодоягӣ, фарматсевтӣ ва дандонпизишкӣ сурат гирифта, то ба ҳол 150 довталаб аз ноҳияи Ховалинг ва дигар ноҳияҳои атроф номнавис шудаанд.

Дар шафати бинои асосии Коллеҷи тиббӣ дар масоҳати 300 метри мураббаъ сохтмони хобгоҳ бомаром идома дорад. Тибқи лоиҳа, бинои хобгоҳ аз се ошёна иборат буда, барои истиқомати 110 донишҷӯ пешбинӣ шудааст. Ҳоло сохтмони таҳкурсии он ба анҷом расида, сохтмончиёни маҳаллӣ ба корҳои хиштчинӣ дар ошёнаҳо машғул мебошанд. Тибқи иттилоъ, хобгоҳ то моҳи сентябри соли равон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкорони ватанӣ барои бунёди чунин муассисаи замонавии таълимӣ ва саҳм гузоштан дар корҳои ободонӣ миннатдорӣ баён дошта, аз омӯзгорону дигар кормандони коллеҷ истифодаи самараноки шароити мавҷударо талаб карданд.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ховалинг, инчунин, ба хонаи истиқоматии шаҳрванд Илҳом Одинаев ташриф оварда, бо маданияти истифодабарии замини наздиҳавлигӣ шинос шуданд.**

Оилаи Одинаевҳо дар ноҳияи Ховалинг намунавӣ буда, дар ин хонавода фарзандони меҳнатдӯсту худшинос ва худогоҳ ба воя расидаанд. Замини наздиҳавлигии шаҳрванд Илҳом Одинаев 8 садякро ташкил медиҳад, ки дар чор садяки он зироати кишоварзӣ, асосан сабзавот ва картошка, кишт карда шудааст. Ҳамчунин, дар назди ҳавлӣ дарахтони мевадиҳандаи себ, олуча, зардолу, шафтолу, гелос, олу, чормағз, нок, хурмо ва ангур парвариш меёбад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

**Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

# ҚОНУНҲОИ МУКАММАЛ ТАНЗИМГАРИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ, ИҚТИСОДӢ ВА МУНОСИБАТИ ОИЛАВӢ МЕБОШАНД

**Понздаҳуми июли соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Хоҳишмандам, барои бақайдгирӣ тариқи системаи овоздиҳии электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат.

Дар иҷлосия 29 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ иштирок доранд.

Инчунин, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Суди конститутсионӣ, раиси Суди Олӣ, раиси Суди Олии иқтисодӣ, прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, раиси Палатаи ҳисоб, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма ҳузур доранд.

Оид ба оғози кори иҷлосия чӣ гуна таклифҳо ҳаст?

Пешниҳод шуд, ки иҷлосия корашро оғоз намояд.

Таклифро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро тариқи овоздиҳии электронӣ муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, пешниҳод қабул шуд.

Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Барои ташкили ҷараёни кор лозим аст, ки мутобиқи банди 102-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби кори Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро муайян ва тасдиқ намоем. Бо дарназардошти масъалаҳои дар рӯзнома пешбинишуда, пешниҳод менамоям, ки барои маърӯзачиён то 5 дақиқа, барои музокираҳо то 3 ва барои дархосту таклифҳо то 2 дақиқа вақт муайян карда шавад.

Таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Пешниҳодро ба овоз мемонам. Марҳамат.

Ташаккур, пешниҳод қабул гардид.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи банди 102-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лозим аст, ки котиботи иҷлосияро интихоб намоем.

Оид ба ин масъала сухан ба узви Маҷлиси миллӣ Дӯстзода Ҳасан дода мешавад.

Марҳамат.

(*Дӯстзода Ҳасан пешниҳод менамояд, ки ҳайати котибот иборат аз 3 нафар интихоб карда шавад*).

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Таклиф шуд, ки котиботи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум иборат аз 3 нафар интихоб карда шавад.

Таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Шумораи ҳайати котиботро ба овоз мемонам ва хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, таклиф қабул гардид.

Марҳамат, Дӯстзода Ҳасан, ҳайати котиботро пешниҳод намоед.

**ДӮСТЗОДА Ҳасан:-** Ба ҳайати котиботи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аъзои зерини Маҷлиси миллӣ пешниҳод карда шаванд:

*Додхудо Фаррух - раиси котибот*

*Мӯъминова Фирӯза ва Умарализода Мақсудалӣ - аъзои котибот.*




**РАИС:** - Оид ба ҳайати котибот таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, қарор қабул гардид.

Аз ҳайати котибот хоҳиш карда мешавад, ки ба кор шурӯъ намоянд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Моро лозим аст, ки рӯзномаи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро тасдиқ намоем.

Лоиҳаи рӯзномаи иҷлосия бо қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва барои баррасӣ ба шумо пешниҳод шудааст. Оид ба масъалаҳои он таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳиш менамоям мавқеатонро муайян созед. Марҳамат.

*Қарор дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум қабул ва ба он масъалаҳои зерин ворид гардиданд:*

**1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз»**

**2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»**

**10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ»**

**11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ»**

**13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ»**

**14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа»**

**15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

**16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ»**

**17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**(Давомаш дар саҳ. 3 - 6)**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА НОҲИЯИ ХОВАЛИНГ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ғайр аз замини наздиҳавлигӣ Илҳом Одинаев аз ҳисоби заминҳои президентӣ 15 садяк хоҷагии ёрирасонро дар ихтиёр дорад, ки дар он низ картошка, сабзавот ва дигар номгӯи зироати кишоварзӣ кишт карда шудааст. Ҳоло ки дар ноҳия мавсими ҷамъоварии ҳосили зироат ва мева идома дорад, оилаи Одинаевҳо дастаҷамъона ба захира намудани маҳсулот, аз ҷумла ба тайёр кардани мураббо, хӯриш ва шарбати меваю сабзавот, машғул мебошанд.

ноҳия ба 4357 мерасад ва соли равон занбӯриасалпарварон беш аз 25 тонна асали табобативу аз ҷиҳати экологӣ тоза гирифтанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон икдому талошҳои кишоварзони ноҳияро дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат, бахусус таъмини амнияти озуқаворӣ, шоиста хонда, ба кишоварзон барои истифодаи пурсамари имкониятҳои табиии мамлакат дар заминаи истифодаи пурсамари заминҳои корам ҷиҳати боз ҳам афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мошу лӯбиё ва сабзавоту полезӣ, аз қабили картошка, пиёз, помидору бодиринг, сабзӣ, сирпиёз, пиёзи тухмӣ, лаблабу, караму каду, қаланфур ва кабудиҳо, кишт менамоянд. Хоҷагидорон дар кишти такрорӣ дар 0,60 гектар картошкаи навъи «Тоҷикистон» кишт гузарондаанд. Интихоби тухмиҳои босифати маҳаллӣ боис ба он мегардад, ки дар мавсими ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ ҳосили дилхоҳ ба даст оварда шавад.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки имсол баъд аз дарав кардани



Зимни шиносоии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити зиндагии оилаи мазкур маълум гардид, ки дар анбори захиравии хонадон ба миқдори зарурӣ маҳсулот, аз қабили гандум, лӯбиёиҳо, мева, орду равған, биринҷ ва ғайра захира шудааст. Ҳамчунин, дар 300 зарф шарбату ширинӣ ва хӯришҳои гуногун омода кардаанд, ки барои ду соли оянда басанда мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои оилаи шаҳрванд бастаи адабиёти бадеӣ туҳфа намуда, онҳоро ба мутолиаи китоб ва воқиф будан аз таъриху маданияти баланди миллати тоҷик ҳидоят карданд. Сарвари давлат фаъолияти оилаи шаҳрванд Илҳом Одинаевро дар самти маданияти истифодаи замин шоистаи таҳсин ва намунаи ибрат ҳисобиданд.

**Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти Кооперативи истеҳсолии «Абдулло Сафолов» низ шинос шуда, ба ҷамъоварии ҳосили ғалла оғоз бахшиданд.**

Он дар деҳоти «Ҷомбахт»-и ноҳияи Ховалинг ҷойгир буда, соли 1993 таъсис ёфтааст ва дорои 22 гектар замин буда, дар он 12 саҳмдор фаъолият доранд.

Дар кооперативи мазкур ҳар як қитъа замин пурсамар истифода гардида, ҳар сол аҳли заҳмат ҳосили хуби маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ, аз ҷумла ғалла, ба даст меоранд. Кишоварзон дар мавсими кишти тирмоҳӣ дар масоҳати 13 гектар ду навъ гандум, аз ҷумла «Краснодар-99» ва «Пештоз» кишт намуда, акнун умед доранд, ки аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 45-55 сентнерӣ ҳосил рӯёнанд.

Барои ҷамъоварии беталафу саривақтии ҳосили ғаллазор техникаҳои зарурӣ ҷалб шуда, дарави ғалла дар асоси риояи талаботи бехатарӣ аз сӯхтор идома дода мешавад.

Аснои шиносоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз фаъолияти хоҷагидорон маълум гардид, ки соли равон дар Кооперативи истеҳсолии «Абдулло Сафолов», ҳамчунин, дар заминаи истифодаи мақсадноки қитъаҳои дар ихтиёрдошта дар як гектар ғаллаи баҳорӣ, як гектар ҷав, як гектар пиёз, як гектар помидор, як гектар картошка, се гектар боғ ва дар чор гектар юнучқа барои хӯроки чорво ва тухмӣ кишт карда шудааст.

Заҳматкашони хоҷагӣ ҳар сол аз кишту парвариши картошка низ дар асоси тавсияи мутахассисон ва интихоби дурусти тухмии босифат ҳосили хубу фаровон ба даст меоранд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ аз фаъолияти ибратбахши Кооперативи истеҳсолии «Абдулло Сафолов» дар ҳамон ҷо, намоиши маҳсулоти кишоварзии сокинони ноҳияро аз назар гузарониданд. Дар он кишоварзону сокинони ноҳия маҳсули дастранҷашон, аз ҷумла ғалладона, сабзавоту полезӣ, меваҷот дар шакли тарутоза ва маҳсулоти консервашударо ба намоиш гузоштанд.

Дар як гӯшаи намоишгоҳ ҷангалпарварони ноҳияи Ховалинг гулу гиёҳҳои шифобахш ва асали табиии ин мавзеи кӯҳистони кишварро муаррифӣ намуданд. Тавре иттилоъ дода шуд, шумораи оилаҳои занбӯри асал дар дар шароити ҳозираи ҷомеаи ҷаҳонӣ тавсияву маслиҳатҳои муфид доданд.

**Дар деҳоти «Ҷомбахт»-и ноҳияи Ховалинг Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷараёни корҳои агротехникӣ ва парвариши сабзавот дар Хоҷагии деҳқонии «Маҳмадӣ» шинос шуданд.**

Хоҷагии деҳқонии «Маҳмадӣ», ки соли 2017 таъсис ёфта, дар ихтиёр 5,8 гектар замин, аз ҷумла 1,8 гектар замини обӣ ва чор саҳмдор дорад, дар самти парваришу истеҳсоли сабзавот ва дигар навъи зироат таҷрибаи бой дошта, барои расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми шоиста мегузорад.

Самти асосии фаъолияти хоҷагидорон сабзавоткорӣ буда, заҳматкашони хоҷагӣ соли равон дар як гектар замин парвариши сабзавотро дар асоси тавсияи мутахассисон ва бо риояи қоидаҳои агротехникӣ ба роҳ мондаанд. Дар заминҳои хоҷагӣ аксар навъи зироати кишоварзӣ, аз ҷумла помидору бодиринг, картошкаю пиёз, карам, лаблабу, каду, лӯбиё, ҷуворимакка барои дон, ҷорӯб ва дигар маҳсулот, ба назар мерасад.

Истифодаи таҷрибаи пешқадам дар раванди парвариши сабзавот ва риояи агротехникаи кишту парвариш ба таъмини фаровонҳосилӣ дар қитъаҳои хоҷагӣ замина гузоштааст. Хоҷагидорон соли гузашта як тонна пиёз, ду тонна картошка, як тонна гандум ҷамъоварӣ намуда, дар баробари ин лӯбиёӣ ва помидору бодиринг низ истеҳсол ва ба миқдори зарурӣ дар қуттиҳои шартӣ захира карданд. Парвариши сабзавот ва дигар маҳсулоти хоҷагӣ асосан барои таъмини эҳтиёҷи хонаводагӣ ва захира барои ду соли оянда пешбинӣ карда мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Хоҷагии деҳқонии «Маҳмадӣ» ба фаъолияти аҳли заҳмат дар самти риояи маданияти баланди истифодабарии замин баҳои баланд дода, барои сари вақт ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосил ба онҳо дастуру маслиҳатҳои судманд доданд.

**Ҳамчунин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ховалинг ба Хоҷагии деҳқонии «Фарангис»-и деҳоти «Ҷомбахт» ташриф оварда, бо рафти корҳои агротехникӣ, парвариши сабзавот ва лӯбиёиҳо шинос шуданд.**

Он соли 2004 таъсис ёфта, дар ихтиёр ду гектар замин дорад. Дар хоҷагии мазкур панҷ саҳмдор фаъолият карда, роҳбари хоҷагӣ бонуи соҳибтаҷриба Ханим Аҳророва мебошад. Заҳматкашони хоҷагӣ ба кишту парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла сабзавоту полезӣ ва лӯбиёиҳо, машғул мебошанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз нашъунамо ва ҳосилбандии зироати кишоварзӣ ҳам дар кишти асосӣ ва ҳам такрорӣ аз таҷрибаи заминдории кишоварзони ноҳияи Ховалинг изҳори қаноатмандӣ намуда, самараи меҳнати аҳлонаи онҳоро намуна арзёбӣ карданд. Саҳмдорон ҳар сол дар заминҳои хоҷагӣ ҷуворимакка барои дон, зироати омехтаи хӯроки чорво саҳмдорон дар замини холишуда дар кишти такрорӣ ҷуворимаккаи дон ва сабзавоту полезӣ, аз ҷумла помидору бодиринг, картошка, карам, лӯбиё, лаблабу ва каду, кишт намуданд. Айни замон зироати кишоварзӣ нашъунамои хуб дошта, сари вақт бо оби полезӣ ва нуриҳои минералӣ таъмин карда мешавад.

Аз ҳосили бадастомада дар баробари таъмини эҳтиёҷоти хонавода, барои ду соли минбаъда низ ба миқдори зарурӣ донагиҳо ва дигар навъи маҳсулоти консервашуда захира менамоянд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хоҷагидорон суҳбат ороста, барои истифодаи боз ҳам босамари замин ва истеҳсоли бештари маҳсулоти кишоварзӣ ба онҳо маслиҳату тавсияҳои судманд доданд.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ховалинг ба деҳаи Сафедшаҳраки деҳоти ба номи Лоҳутӣ низ ташриф оварда, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 18-ро ифтитоҳ намуданд.**

Бинои дуошёнаи он дорои 17 синфхонаи таълимӣ буда, барои таҳсили 680 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба сифати корҳои сохтмонӣ ва шароити фароҳамшуда дар муассисаи таълимии мазкур баҳои баланд додаанд. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18 дар доираи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат аз тарафи Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарҳи муосир ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ сохта шудааст.

Дар мактаби нав кабинетҳои фаннии химия, физика, математика, биология, астрономия, табиатшиносӣ, синфхонаҳои таълими меҳнат, омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, синфхонаи компютерӣ, китобхона, толори хониш, ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорон ва кормандон, нуқтаи тиббӣ ва ҳуҷраҳои ёрирасон мавҷуд мебошад.

Дар ошёнаи якуми бинои муассиса ошхона мавҷуд аст, ки 176 ҷои нишаст дорад. Ҳамчунин, барои ба варзиш ҷалб намудани наврасону ҷавонон дар муассисаи таълимӣ толори барҳавову муосири варзишӣ бунёд гардидааст.

Бо мақсади баргузор намудани ҷамъомаду чорабиниҳои гуногуни оммавию фарҳангӣ дар ошёнаи дуюми муассисаи таълимӣ толори барҳавои маҷлис бо 260 ҷои нишаст низ мавҷуд аст, ки он бо дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо омӯзгорону хонандагон суҳбати самимӣ ороста, аз омӯзгорон талаб карданд, ки аз шароити муҳайёгардида дар муассисаи нав босамар истифода бурда, ба омӯзонидани дурусти барномаҳои таълимӣ ба хонандагон, хусусан фанҳои дақиқ, кор бо техникаю технологияи муосир ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ, диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд.

**www.president.tj**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қаландарзода М. С.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қаландарзода Мавлуда Сатторӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №312**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Комилӣ Ф.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Комилӣ Файзалӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №313**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Азизӣ Ҷ. А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Азизӣ Ҷалолиддин Азизхоҷа бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №314**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Усмонзода Т.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Усмонзода Тоҷиддин бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №315**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Р. П.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзозода Рустам Пираҳмад раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №316**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Комилӣ Ф.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Комилӣ Файзалӣ муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №317**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Хайриддинзода А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Хайриддинзода Азизбек муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №318**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Одиназода Ҷ. Х.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Одиназода Ҷонфидо Халил судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №319**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ёқубзода А. Х.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ёқубзода Абдураҳмон Холдор судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №320**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Иброҳимзода Ш. С.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Иброҳимзода Шамсиддин Саймудин судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №321**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ғуломзода И. Ш.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ғуломзода Иноятулло Шарифҷон судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №322**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Холиқмуродзода Д. А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Холиқмуродзода Далер Абдуғаффор судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №323**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҳафиззода Т. Ҷ.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҳафиззода Тимур Ҷамшед судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №324**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шӯҳратзода У.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шӯҳратзода Улуғбек судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №325**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Маҳмадзода Х. Б.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Маҳмадзода Хуршед Бобохон судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №326**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Солеҳзода З. Т.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Солеҳзода Зарина Тағойназар судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №327**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Бекзода А. А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Бекзода Абдураҳим Абдулло судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №328**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Усмонзода Т.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 қисми якуми моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Усмонзода Тоҷиддин судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №329**

# ҚОНУНҲОИ МУКАММАЛ ТАНЗИМГАРИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ, ИҚТИСОДӢ ВА МУНОСИБАТИ ОИЛАВӢ МЕБОШАНД

(Идома аз саҳ. 1)

**18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»**

**19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд»**

**20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика»**

**21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия»**

**22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия»**

**23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»**

**24. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»**

**26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

**27. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қаландарзода М. С.»**

**28. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Комилӣ Ф.»**

**29. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Азизӣ Ҷ. А.»**

**30. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Усмонзода Т.»**

**31. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Р. П.»**

**32. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Комилӣ Ф.»**

**33. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Хайриддинзода А.»**

**34. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Одиназода Ҷ. Х.»**

**35. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ёқубзода А. Х.»**

**36. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Иброҳимзода Ш. С.»**

**37. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ғуломзода И. Ш.»**

**38. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Холиқмуродзода Д. А.»**

**39. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҳафиззода Т. Ҷ.»**

**40. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шӯҳратзода У.»**



**41. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Маҳмадзода Х. Б.»**

**42. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Солеҳзода З. Т.»**

**43. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Бекзода А. А.»**

**44. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Усмонзода Т.».**

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии масъалаи якум - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» шурӯъ менамоем. Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**РАҲМОН Дилшод**:

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 22 июни соли 2022 Маҷлиси намояндагон қабул карда, мақсади қонун аз таъмини риоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, муайян намудани асосҳои ташкиливу ҳуқуқии амалигардонии ҳуқуқу имкониятҳои баробар ва пешгириву ҳифзи самаранок аз ҳама гуна шаклҳои табъиз иборат буда, 5 бобро бо фарогирии 23 модда дар бар гирифтааст.

Боби 1 (моддаҳои 1-11), ки «Муқаррароти умумӣ» ном гирифтааст, мафҳумҳои «табъиз, таъқиб, таҳрик намудан ба табъиз, сегрегатсия (ҷудокунӣ), шаклҳои зоҳиршавии табъиз (бевосита ва бавосита)» ва доираи амали қонунро муқаррар намудааст. Меъёрҳо бобати кафолати давлатии ҳифзи ҳуқуқи баробар ва самаранок аз табъиз, ҳолатҳои вазнинкунандаи табъиз ё худ зиёд такроршаванда ё давомдор будани он, виктимизатсия ё худ таъқиб аз ҳама гуна муносибати хусуматомез ва истифодаи чораҳои мусбат барои таъмини пурра ва самаранокии амалигардонии ҳуқуқ, озодӣ ва имкониятҳои баробар, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, дар алоқамандии мантиқӣ дар боби мазкур муттаҳид гаштаанд.

Боби 2 бо фарогирии моддаҳои 12 - 16 салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар шахси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари давлатӣ, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро дар самти мазкур муқаррар ва пешбинӣ намудааст, ки Ваколатдор баррасии ариза ё шикоятро ба роҳ монда, метавонад дар сурати ҳалли масъала бо роҳи оштии тарафҳо мониторинги иҷрои уҳдадориҳоро, ки дар санади оштӣ муайян шудаанд, гузаронад. Зимнан, ӯ дар ҳолати тасдиқ ёфтани табъиз, вобаста ба барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда тавсияҳо қабул намуда, онҳоро ба мақомоти дахлдори давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равон мекунад ва дар сурати аз ҷониби охирин иҷро накардани тавсияҳо метавонад ба суд муроҷиат намояд ё ҳангоми муайян шудани амалҳои табъизӣ, ки ҷиноят мебошанд, мақомоти таъқиби ҷиноятиро хабардор созад.

Бобҳои 3 ва 4 бо дарбаргирии моддаҳои 17 - 23 ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятиро, ки фаъолияташон асосан ба масъалаҳои баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шакли табъиз равона шудааст, пешбинӣ намуда, ҳолатҳои бо талаботи мушаххас ба суд муроҷиат намудани ҳар як шахс ё гурӯҳи шахсон, ки худро ҷабрдидаи табъиз мешуморанд, муайян намудаанд. Зимнан, баррасии муроҷиатҳои онҳо мутобиқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ бошад, тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ҳамчунин ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ дар назар дошта шудааст.

Дар доираи боби ниҳоӣ (моддаҳои 22 ва 23) муқаррароти марбут ба ҷавобгарии шахсони воқеиву ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи қонун ва тартиби мавриди амал қарор додани он пешбинӣ шудааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои роҳ надодан ва муқовимат ба табъиз, инчунин пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба он алоқаманд мусоидат менамояд.

Кумита нисбат ба қонун эрод надорад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш менамоям, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мегузарем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**РАҲМОН Дилшод:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи банди 40 нақшаи чорабиниҳои амалисозии «Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2030» пешниҳод гардида, онро 1 июни соли 2022 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонун аз такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти назорати моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок бо истифодаи мафҳуми ягона иборат буда, бо ин васила, дар қисми 2) моддаи 23, дар ном ва қисми 1) моддаи 206, дар ном ва қисми 2) моддаи $206^1$, дар номи моддаи 224 ва дар қисми 3) моддаи 289 калимаи «заҳролуд» ба калимаи «заҳрнок» иваз карда шуда, аз банди б) қисми 3) моддаи 206 калимаҳои «ё заҳролуд» хориҷ гардиданд.

Ҳамчунин, ба моддаи 206 эзоҳ илова гардида, мутобиқи он, рӯйхатҳои моддаҳои сахттаъсир ва моддаҳои заҳрнок аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои пешгирии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок мусоидат менамояд. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш менамоям, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мегузарем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**РАҲМОН Дилшод:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи супориши Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз 11 сентябри соли 2020 дар иртибот ба пешгирии ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии хурдсолону ноболиғон пешниҳод гардида, онро 15 июни соли 2020 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонун аз такмили меъёрҳои кодекс ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо дар самти зикршуда ва баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия иборат буда, бо ин васила, ба қисмҳои умумӣ ва махсуси кодекс як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Чунончи, бо илова намудани банди в) ба моддаи 47 ва ба қисми 2 моддаи 48 ҷазои ҷиноятӣ дар намуди якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, ки ҳам ба сифати ҷазои асосӣ ва ҳам иловагӣ таъин карда мешавад, пешбинӣ гардида, тибқи моддаи иловашавандаи $50^1$ ҷазои мазкур танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми махсуси кодекси мазкур татбиқ карда мешавад.

Мутобиқи тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 71, 75, 76 ва 81 минбаъд институтҳои шартан татбиқ накардани ҷазо, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазои ҷиноятӣ озод кардан ва муҳлати иҷрои ҳукм нисбати шахсоне, ки барои ҷинояти бо қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) ва 4) моддаи 139, моддаҳои 141, 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи $142^1$ - и кодекси мазкур пешбинишуда маҳкум шудаанд, татбиқ карда намешавад.

Санксияи қисмҳои 2 ва 3 моддаҳои 138, қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 139 кодекс, ки ҷавобгарии ҷиноятиро дар қатори дигар ҳолатҳо мувофиқан барои таҷовуз ба номус ё ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ нисбати духтари баръало ноболиғ, духтари баръало ба синни чордаҳсолагӣ нарасида ё хеши наздик пешбинӣ намудаанд, тавассути илова намудани ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ва тасҳеҳи ҷазои асосӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ то 25 сол ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан такмил дода шудаанд.

Инчунин, бо ворид намудани калимаи «таълимӣ» ба диспозитсияи банди в) қисми 2) моддаи 141 ва банди в) қисми 2) моддаи 142 доираи субъектони ҷиноятҳои дар моддаҳои мазкур муқарраршуда такмил гардида, дар ин росто ба санксияи қисмҳои 1-3 моддаи 141 ва қисмҳои 1 ва 2 моддаи 142 бевосита ё тавассути тағйирот калимаҳои «бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» илова карда шудаанд.

Дар моддаи $142^1$ санксияи қисмҳои 2) ва 3) мавриди тасҳеҳ қарор гирифта, бо ивази калимаҳо ибораи «якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» дарҷ гардида, ба он эзоҳ илова карда шудааст.

Тибқи эзоҳ, ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба шахсе татбиқ карда мешавад, ки ҷиноятро нисбат ба ноболиғ содир кардааст ва он дар санксияи моддаҳои боби мазкур пешбинӣ шудааст – аз манъ кардани ишғоли мансаб ва ё фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии соҳаҳои маориф, тарбия, инкишофи ноболиғон, ташкил намудани истироҳат ва солимгардонӣ, таъминоти тиббӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ, дар соҳаи варзиши кӯдакону наврасон, фарҳанг ва санъат бо иштироки ноболиғон, инчунин машғул шудан ба чунин фаъолият дар асоси инфиродӣ ё фаъолияти дигаре, ки кор бо ноболиғонро дар бар гирифтааст, иборат мебошад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои такмили мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, пешгирии ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии хурдсолу ноболиғон ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо мусоидат менамояд.

Аз шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш дорам, ки қонуни баррасишавандаро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзнома Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**РАҲМОН Дилшод:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар маҷмӯъ бо се қонуни дигар, дар заминаи супориши Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз 11 сентябри соли 2020 вобаста ба пешгирии ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии хурдсолу ноболиғон қабул гардидааст.

Мақсади он аз баланд бардоштани масъулияти шахсоне, ки дар самти кор бо ноболиғон фаъолият доранд, инчунин пешгирии ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии хурдсолу ноболиғон, тақвият бахшидани чораҳои таълимиву тарбиявӣ ва бо ҳам мутобиқгардонии дохилӣ ва берунии меъёрҳои алоҳидаи кодекс иборат буда, дар ин робита, ҳамчунин як қатор тағйиру иловаҳои хусусияти таҳрирӣ, муайянкунанда, мутобиққунанда ва танзимкунанда ворид карда шудаанд.

Қабл аз ҳама, бо қонун ба кодекси амалкунанда моддаи $288^1$ илова гардида, минбаъд барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар самти кор бо ноболиғон, қабули шахсоне, ки ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ҷиноят содир карда бошанд, барои содир кардани ҷинояти хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин доғи судӣ дошта бошанд ва гирифтори бемориҳое бошанд, ки номгӯи онҳо аз тарафи мақомоти ваколатдори соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ карда шудаанд, манъ аст.

Инчунин, ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнати категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон, бахусус маъюбону дигар категорияҳои осебпазир, ба моддаи 17 қисми 3 илова гардида, мутобиқи он, бе асос рад намудани корфармо аз бастани шартномаи меҳнатӣ бо шахсе, ки аз ҳисоби квота барои бо ҷойи кор таъмин шудан аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ фиристода шудааст, манъ аст.

Ҳамчунин, бо назардошти талаботи Кодекси гражданӣ, қонунгузории соҳаи маориф ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар умум ба 24 моддаи кодекси амалкунанда тағйиру иловаҳо бо роҳи ивази калимаҳои алоҳида ё илова намудани истилоҳҳои ҳуқуқӣ ворид карда шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои пешгирии ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии хурдсолу ноболиғон, масъулияти омӯзгорону дигар кормандони соҳаи кор бо ноболиғон, риояи дақиқ ва сода гардидани татбиқи кодекс мусоидат менамояд.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш мекунам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**РАҲМОН Дилшод:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар маҷмӯъ, бо чор қонуни дигар дар заминаи супориши протоколии Маҷлиси миллӣ таҳти №6 аз 16 апрели соли 2021 роҷеъ ба таъмини риояи қонунгузорӣ дар бораи замин ва барасмиятдарории сохтмони худсарона қабул карда шудааст.

Мақсади қонун аз бартараф намудани норасоии меъёрҳои алоҳидаи кодекс, ноил шудан ба мутобиқати дохилӣ ва мутобиқгардонии он ба талаботи дигар қонунҳо иборат буда, ба ин васила, ба моддаи 47 тағйиру иловаҳо ворид ва тибқи онҳо, ба прокурор ҳуқуқ дода шудааст, ки ба суд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии корхонаву муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ муроҷиат намояд. Инчунин, пешбинӣ карда шудааст, ки прокурор бо дарназардошти моликияти истисноии давлатӣ дар баррасии парвандаҳои вобаста ба замин, инчунин эътирофи ҳуқуқи моликият, аз ҷумла ба сохтмони худсарона, ҳатман иштирок намояд, дар доираи ваколаташ парванда ё гурӯҳи парвандаҳоро, ки бо онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бо мақсади таҳлил ва ҷамъбасти фаъолият дар самти таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз суд талаб карда гирад ва дар сурати ғайриқонунӣ ё беасос будани санадҳои судӣ тадбирҳои дахлдорро бо тартиби муқаррарнамудаи кодекс амалӣ гардонад.

Бо илова ба моддаи 257 прокурор ваколатдор шудааст, ки минбаъд дар баррасии ариза дар бораи мавриди баҳс қарор додани қарор, амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ иштирок намояд.

Ҳамчунин, ба моддаи 368 қисми 2 илова гардида, тибқи он, минбаъд эътирози назоратии прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда бевосита аз ҷониби суди марҳилаҳои назоратии дахлдор ба тариқи дастаҷамъона баррасӣ карда мешавад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи талаботи кодекс, амалӣ намудани ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа ва ҳифзи моликият, ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва ташкилотҳои давлатӣ мусоидат менамояд.

Аз шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш дорам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**РАҲМОН Дилшод:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ дар заминаи супориши протоколи Маҷлиси миллӣ таҳти №6 аз 16 апрели соли 2021 роҷеъ ба таъмини риояи қонунгузорӣ дар бораи замин ва барасмиятдарории сохтмони худсарона сохташуда қабул карда шудааст.

Мақсади қонун аз бартараф намудани норасоии меъёрҳои алоҳидаи кодекс, ноил шудан ба мутобиқати дохилӣ ва мутобиқгардонии он ба талаботи дигар қонунҳо, иборат буда, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 39 ва 51 муқаррар карда шудааст, ки иштироки прокурор дар баррасии парвандаҳо оид ба баҳсҳои вобаста ба замин ва манзил, нووбаста ба пешниҳоди муроҷиат ба суд, ҳатмист.

Прокурор минбаъд дар доираи ваколати худ сарфи назар аз иштирок дар мурофиаи судӣ метавонад парванда ё гурӯҳи парвандаҳоро, ки бо онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бо мақсади таҳлил ва ҷамъбасти фаъолият дар самти таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз суди иқтисодии дахлдор талаб карда гирад ва дар сурати муқаррар намудани он, ки санади судӣ ғайриқонунӣ ё беасос аст, тадбирҳои дахлдорро бо тартиби муайяннамудаи кодекси мазкур амалӣ намояд.

Бо илова ба қисми 1 моддаи 193 пешбинӣ шудааст, ки прокурор метавонад ба суди иқтисодӣ бо ариза оид ба ситонидани пардохтҳои ҳатмӣ ва муҷозот (санксия) аз шахсоне, ки фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодиро ба амал мебароранд, муроҷиат намояд, агар дар қонун тартиби дигари ситонидани онҳо пешбинӣ нашуда бошад.

Инчунин, тавассути иваз намудани ном ва қисми 1 моддаи 236 ҳуқуқи пешниҳоди шикоят ва эътирози кассатсионӣ аз болои ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонакардаи суди иқтисодии марҳилаи якум, сарфи назар аз иштироки прокурор дар баррасии парванда пешбинӣ гардида, бо ин асос, инчунин вобаста ба марҳилаи кассатсионӣ ва хусусияти матн дар моддаи 237, ном ва матни моддаҳои 238, 240 - 243, 246 - 248, 250, $250^3$ ва 251 баъзе калима ё ибораҳо иваз карда шудаанд.

Матни моддаи 273 дар таҳрири нав ифода ёфта, эътирози назоратии прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз ҷониби суди марҳилаи назоратӣ дар асоси дастаҷамъона баррасӣ карда мешавад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш менамоям, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мегузарем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**РАҲМОН Дилшод:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар маҷмӯъ, бо чор қонуни дигар дар заминаи супориши протоколи Маҷлиси миллӣ таҳти №6 аз 16 апрели соли 2021 роҷеъ ба таъмини риояи қонунгузорӣ дар бораи замин ва барасмиятдарории сохтмони худсарона бунёдшуда қабул карда шудааст.

Мақсади қонун аз мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор додани муносибатҳои ҷудогона дар самти иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ, ноил шудан ба мутобиқати дохилӣ ва берунии меъёрҳо, бартараф намудани норасоиву носаҳеҳии меъёрҳои алоҳида иборат буда, дар ин робита ба моддаҳои 35, 168, 197 ва 408 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд.

Тибқи тағйиру иловаҳо, бо дарназардошти қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти бонкӣ, дар сархати ёздаҳуми қисми 1 моддаи 35 калимаҳои «ташкилотҳои кредитӣ» ба калимаҳои «дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» иваз карда шуда, ба қисми 1 моддаи 168 сархати панҷум илова гардида, тибқи мазмуни он, минбаъд аз ҷониби таҳқиқбаранда ва муфаттиш ба суд пешниҳод намудани дархост оид ба ҳабси маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигоҳдории бонк ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ қарор доранд, бо розигии прокурор сурат мегирад.

Ба моддаи 197 қисми 2 илова гардида, тибқи он, дар ҳолати берун аз ҷумҳурӣ будани шоҳид ё ҷабрдида пурсиш мумкин аст ба таври фосилавӣ бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва почтаи электронӣ ба роҳ монда шуда, муфаттиш метавонад пурсиши фосилавиро бо иштироки шахсони холис гузаронад.

Ҳамчунин, ҷумлаи сеюми қисми 5 моддаи 408 мавриди тасҳеҳ қарор гирифта, тибқи он, минбаъд эътирози прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита дар суди марҳилаи назоратӣ баррасӣ мегардад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи талаботи кодекс, баланд бардоштани масъулияти иштирокчиёни мурофиа ва риояи муҳлати пешбурди тафтишоти пешакӣ мусоидат менамояд.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш дорам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мегузарем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад.

**РАҲМОН Дилшод:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 22 июни соли 2022 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

# ҚОНУНҲОИ МУКАММАЛ ТАНЗИМГАРИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ, ИҚТИСОДӢ ВА МУНОСИБАТИ ОИЛАВӢ МЕБОШАНД

Мақсади қонун аз пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт иборат буда, бо ин васила, ба моддаи 330, ки ҷавобгариро барои идора намудани воситаҳои нақлиёт бо пардаҳои паҳлуӣ ва яклухти ақиб, шишаҳои оинагӣ, шишаҳои сиёҳу хира ё маҷмӯи идоракуниашон аз тарафи рост муқаррар намудааст, қисмҳои 3 ва 4 илова карда шудаанд.

Мутобиқи қисмҳои иловашаванда идора намудани воситаҳои нақлиёт бо шишаҳои сиёҳу хираи дарҳои паҳлуӣ ва шишаи қафо, аз ҷумла дарҳои паҳлуии қафо, ки нургузарониашон ба меъёрҳои муқарраршудаи стандартҳои давлатӣ (ГОСТ) мутобиқат намекунанд, ҳангоми мавҷуд будани иҷозати махсуси мақомоти ваколатдори давлатӣ барои истифодаи воситаҳои нақлиёт бо шишаи сиёҳу хираи қафо ё шишаҳои сиёҳу хираи дарҳои паҳлуии қафо ва шишаи қафо боиси таъини ҷарима ба андозаи ҳафтод нишондиҳанда барои ҳисобҳо мегардад.

Қисмҳои 4, 5 ва 6, ки ба моддаи 336 илова гардидаанд, мазмунан бе категорияи мувофиқ идора кардани воситаи нақлиёт ё ба шахсе, ки ҳуқуқи идоракунии категорияи мувофиқ надорад, вогузоштани идоракунии он, инчунин содир намудани кирдори бо қисми 4 ҳамин модда пешбинишуда, ки боиси расонидани зарар ба воситаҳои нақлиёт, бор, роҳ, иншооти роҳ ва дигар иншоот ё дигар молу мулк гаштааст, мувофиқан боиси ҷарима ба андозаи аз панҷоҳ то ҳафтод, аз сӣ то панҷоҳ ё яксаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо мегардад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои баланд бардоштани масъулияти ронандагон, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, садамаи нақлиётӣ ва таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ мусоидат менамояд.

Аз шумо, мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш менамоям, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» шурӯъ менамоем. Оид ба ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Ҳакимзода Қурбон дода мешавад. Марҳамат.

**ҲАКИМЗОДА Қурбон:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июни соли 2022 қабул кардааст.

Қонун бо мақсади ба низом даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ташкил, пешбурд, рушд ва қатъи фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, он аз 6 боб ва 21 модда иборат буда, дар боби 1 мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва манъи дахолат ба фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ пурра дарҷ шудааст.

Боби 2 танзим ва дастгирии давлатии пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур ва ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ташкил ва пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсиро мушаххас менамояд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон ҳангоми пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар боби 3 дарҷ гардида, боби 4 ба фаъолияти меҳнатӣ ва баҳисобгирии хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ нигаронида шудааст.

Боби 5 ба муносибатҳои молумулкӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ равона гардида, боби 6 муқаррароти хотимавиро дар бар мегирад. Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» мегузарем. Сухан ба Ҳакимзода Қурбон дода мешавад. Марҳамат.

**ҲАКИМЗОДА Қурбон:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июни соли 2022 қабул кардааст.

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ танзим намуда, ба таъмини аҳолӣ бо моҳӣ ва маҳсулоти коркардшудаи он равона гардидааст. Он аз 7 боб ва 33 модда иборат буда, дар боби 1 мафҳумҳои асосӣ, инфрасохтори моҳипарварӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ пурра дарҷ шудааст.

Боби 2 усулҳои танзими давлатии соҳаи моҳипарварӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ, ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зикршударо мушаххас менамояд.

Тартиб ва навъҳои фаъолият дар соҳаи моҳипарварӣ, такмили хусусиятҳои ирсӣ, такрористеҳсолкунии сунъӣ ва мутобиққунонии моҳӣ дар боби 3 дарҷ гардида, боби 4 ҳуқуқи моликият ба захираҳои моҳӣ, маҳдудият ва қатъ кардани ҳуқуқи истифодаи захираҳои моҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба танзим медарорад.

Бобҳои 5 ва 6 ба навъҳои моҳигирӣ, мелиоратсияи объектҳои об, ҷойгир кардан, лоиҳакашӣ, сохтмон, таъмир ва ба истифода додани объектҳои хоҷагидорӣ ва объектҳои дигари ба захираҳои моҳӣ таъсиррасонро инъикос намуда, боби 7 муқарраротҳои хотимавиро дар бар мегирад. Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» мегузарем. Сухан ба Ҳакимзода Қурбон дода мешавад. Марҳамат.

**ҲАКИМЗОДА Қурбон:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июни соли 2022 қабул кардааст.

Қонун бо мақсади мутобиқнамоии мафҳум, моҳият ва умумият ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, дар доираи он ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудааст, ки онҳо хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ доранд. Он ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» мегузарем. Сухан ба Ҳакимзода Қурбон дода мешавад. Марҳамат.

**ҲАКИМЗОДА Қурбон:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 июни соли 2022 қабул кардааст.

Қонуни мазкур бо мақсади таҳкими соҳаи чарогоҳҳои кишвар ва мувофиқ ба раванди рушди низоми қонунгузории кишвар қабул гардида, дар доираи он ба қисми 2 моддаи 16 қонуни амалкунанда тағйир ворид гардидааст, ки ба истифодабарии бемуҳлат ва муҳлатноки чарогоҳҳо нигаронида шуда, ба таъмини истифодабарии самараноку оқилонаи чарогоҳ аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) замина мегузорад. Он ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам қонунро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**ГУЛЗОДА Маҳмадшоҳ:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» дар замина ва ҷиҳати амалисозии «Барномаи давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 майи соли 2022 қабул кардааст.

Қонун аз 10 боб бо фарогирии 50 модда иборат буда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи идоракунии давлатии муомилот, назорати сифат, таъминот бо дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ танзим намуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони фаъолияти фарматсевтӣ, принсипҳо, ваколат, ҷараёни коркард ва таъминоти иттилоотро дар ҳамин самт муайян менамояд.

Боби 1, ки аз 5 модда иборат мебошад, масъалаҳои марбут ба муқаррароти умумиро дар бар гирифта, меъёрҳоро доир ба мафҳумҳои асосии дар қонун истифодашаванда, мақсад ва доираи амали қонун, принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи муомилоти дору ва молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ, ғизои таъинотӣ ва дастрасӣ ба онҳоро ба таври мушаххас муайян кардааст.

Боби 2 бо фарогирии моддаҳои 6 - 11 танзими давлатии муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ, фаъолияти фарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ин муомилот ва ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ доир ба ин муомилот, инчунин ваколатҳои мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ, ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии байниидоравӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва фаъолияти фарматсевтиро муқаррар намудааст.

Дар боби 3, ки фарогири 10 модда мебошад ба таври муфассал низоми давлатии назорати сифати дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ, баҳодиҳии мутобиқати сифати онҳо, назорати давлатии сифати доруҳои тибби халқӣ, талабот нисбат ба дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ ва стандартҳои сифати онҳо, инчунин бақайдгирӣ, азнавбақайдгирӣ, экспертиза, нишондод барои аз муомилот гирифтани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ муқаррар гардидааст.



Таъминот ва фурӯши дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ, кумаки башардӯстона бо расонидани дору ва молҳои тиббӣ, шакли дорухат, воридоту содирот ва ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нобуд кардани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ, назорати давлатӣ ҷиҳати танзими нархгузорӣ, инчунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон ва субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ дар соҳаи муомилот ва таъминоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ дар бобҳои 4 ва 5, ки моддаҳои 22 - 30 дар бар гирифтааст, ба танзим даровaрда шудааст.

Боби 6 аз 7 модда иборат буда, тартиби коркард, озмоиши токлиникӣ ва клиникии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ, озмоиши таъсири биологӣ ва техникии молҳои тиббӣ, ҳуқуқи беморони дар озмоиши клиникии дору ширкаткунанда, назорати гузаронидани озмоишҳои клиникии онҳо, инчунин васл, таъмир, хизматрасониҳои техникӣ ва метрологии молҳои тиббиро пешбинӣ менамояд.

Боби 7-и қонуни мазкур аз моддаҳои 38 - 43 иборат буда, масъалаҳои марбут ба фаъолияти фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷозатномадиҳӣ, додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, аккредитатсия ва аттестатсияи шахсони ба фаъолияти фарматсевтӣ машғулбуда, ҳуқуқи машғул шудан ба ин фаъолият, соҳибият ва роҳбарӣ ба ташкилотҳои фарматсевтӣ, роҳбарии дорухонаҳои ташкилотҳои табобатию пешгирӣ, инчунин истеҳсол ва тайёр намудан, тамғагузорӣ ва бастабандии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтиро пешбинӣ намудааст.

Дар бобҳои 8 ва 9, ки моддаҳои 44 - 46 - ро дар бар гирифтааст, ҳуқуқ ба иттилоот дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ, рекламаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ муайян гардидааст.

Боби 10 «Муқаррароти хотимавӣ» ном дошта, дарбаргирии моддаҳои 47 - 50 ҷавобгарӣ барои риоя накардани муқаррароти қонуни мазкур, тартиби аз эътибор соқит донистани қонуни амалкунанда дар ин соҳа ва мавриди амал қарор додани онро муайян кардааст.

Аз шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» мегузарем.

Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**ГУЛЗОДА Маҳмадшоҳ:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Дӯстмуродзода, П. Маликзода ва М. Шамсидинзода пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июни соли 2022 қабул кардааст.

Мақсади ворид намудани тағйирот ба қонуни амалкунанда аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудани меъёрҳои он ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Тағйироти воридшуда, хусусияти мутобиққунанда, муайянкунанда ва таҳрирӣ дошта, ҷиҳати аз байн бурдани номутобиқатӣ байни меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ ва истифодаи якхелаи истилоҳоти ҳуқуқӣ дар қонунгузории кишвар пешбинӣ гардидааст. Ҷиҳати мутобиқат ба меъёрҳо ва талаботи пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» моддаи 34 қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода карда шудааст.

Қонун ба талаботи Конститутсия, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбат ба он эрод надорад.

Аз шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» мегузарем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**ГУЛЗОДА Маҳмадшоҳ:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Аҳмадзода, Д. Раҳмон, Ф. Раҳимӣ, М. Набизода ва Б. Ҷабборӣ пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 июни соли 2022 қабул кардааст.

Мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунанда такмил ва мутобиқгардонии он ба талаботи дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус Кодекси гражданӣ (қисми якум), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», инчунин дастгирии давлатии соҳаи маориф ва баланд бардоштани мақом ва масъулияти омӯзгор мебошад.

Бо ин мақсад ба якчанд моддаи қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, ки хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва танзимкунанда дошта, ҷиҳати бартараф намудани такрорёбии меъёрҳо, мушаххасу саҳеҳ гардонидани меъёрҳо, истифодаи истилоҳу ибораҳо бо дарназардошти услуби ягона ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ пешбинӣ гардидааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбат ба он эрод надорад..

Аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**ҶУМЪАЗОДА Шарифҷон:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 майи соли 2022 қабул кардааст.

Қонун асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатиро муайян намуда, ба мукаммалсозии раванди таҳия, тасдиқ ва амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ равона карда шудааст. Он аз 7 боб ва 25 модда иборат буда, дар бобҳои 1-3, ки моддаҳои аз 1 то 10-ро дар бар мегирад, меъёрҳои роҷеъ ба муқаррароти умумӣ бо шарҳи 15 бо мафҳуми асосии дар қонун истифодашаванда, 8 принсипи асосии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ, инчунин салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ, ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро фаро гирифта, дараҷабандии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро, ки аз се сатҳ, яъне миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ иборат аст, муайян карда, 9 талабот нисбат ба сохтор ва мазмуни ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, аз ҷумла консепсияро бо ифодакунии чор масъалаи асосӣ, муқаррар кардааст.

Бобҳои 4 ва 5 бо фарогирии моддаҳои 11-19 муайян кардаанд, ки таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, бо тартиби муайян амалӣ карда мешаванд.

Мутобиқи моддаҳои 20 - 22 дурнамои давлатӣ барои давраҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат таҳия гардида, онҳо барои давраи миёнамуҳлат ба муҳлати то 5 сол, дурнамоҳои давлатии рушд барои давраи дарозмуҳлат ба муҳлати на камтар аз 10 сол ва дурнамоҳои давлатии рушди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо аз рӯи соҳаҳо бароиояндаи кӯтоҳмуҳлат тартиб дода мешаванд.

Масъалаҳои марбут ба муқаррароти хотимавӣ, тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкур ва аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 августи соли 2018 дар боби ниҳоӣ муайян карда шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбат ба он эрод надорад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» мегузарем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**ҶУМЪАЗОДА Шарифҷон:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи «Нақшаи амали Маҷлиси миллӣ барои солҳои 2020-2025 дар партави муроҷиат ва роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аз 17 апрели соли 2020» ва муҳокимаи парламентӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллӣ пешниҳод гардида, онро 15 июни соли 2022 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонун аз мутобиқ намудани меъёрҳои он ба раванди имрӯзаи ҷаҳонишавӣ дар самти танзим ва назорати гумрукӣ, мусоидат ба такмили фаъолияти савдои хориҷӣ ва рушди иқтидори содиротии кишвар иборат буда, дар ин робита, тавассути ифода намудани қисми 3 моддаи 5 дар таҳрири нав пешбинӣ шудааст, ки амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ нисбат ба муносибатҳое, ки то ҷорӣ намудани онҳо ба миён омаданд, татбиқ намегардад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба мавриди амал қарор додани онҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Бо тасҳеҳи қисми 2 моддаи 37 муқаррар шудааст, ки нисбати мол низоми имтиёзнок ё низоми нисбатан мусоидаткунандаи миллӣ ба шарте татбиқ ва маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои пардохтшуда баргардонида мешавад, агар кишвари истеҳсолкардаи моли мазкур дар муддати то як сол аз рӯзи аз ҷониби мақоми гумрук қабул намудани декларатсияи гумрукӣ тасдиқ шавад.

Ҳамчунин, бо тағйиру иловаҳо ба моддаи 48 амали мақоми гумрук ё шахси мансабдори он ва муҳлати шикоят нисбат ба қарор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба талаботи қонунгузории амалкунанда мутобиқ карда шуда, моддаи 462, бо дарназардошти талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» мавриди тасҳеҳ қарор дода шудаанд.

Илова ба ин, ҷиҳати истифодаи якхелаи мафҳумҳову истилоҳҳои ҳуқуқӣ ва таъмини мантиқи ҳуқуқӣ ба 9 моддаи кодекс тағйиру иловаҳои хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳриридошта ворид карда шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбат ба он эрод надорад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» мегузарем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**ҶУМЪАЗОДА Шарифҷон:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 июни соли 2022 қабул кардааст.

Мақсади қонун аз фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии таъсиси ҷамъияти саҳомӣ бо иштироки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, ба ин васила, ба қисми 1 моддаи 12 қонуни амалкунанда илова ворид карда шудааст. Тибқи он, минбаъд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба сифати муассиси ҷамъияти саҳомӣ баромад намояд. Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» мегузарем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

# ҚОНУНҲОИ МУКАММАЛ ТАНЗИМГАРИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ, ИҚТИСОДӢ ВА МУНОСИБАТИ ОИЛАВӢ МЕБОШАНД

**ҶУМЪАЗОДА Шарифҷон:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 июни соли 2022 қабул карда, мақсади қонун аз фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии таъсиси ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бо иштироки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, дар ин робита, ба қисми 2 моддаи 8 қонуни амалкунанда илова ворид гаштааст, ки минбаъд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба сифати иштирокчии ҷамъият баромад намояд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» мегузарем.

Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**ҶУМЪАЗОДА Шарифҷон:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз тарафи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 июни соли 2022 қабул кардааст. Мақсад такмили қонуни амалкунанда ва мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор додани муносибатҳои ҷудогонаи ба соҳаи энергетика алоқаманд буда, ба моддаи 2 мафҳуми «мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика» бо шарҳи он илова гардида, ба ном ва матни моддаи 6, инчунин қисми сеюми моддаи 15 калимаи алоҳида ворид ё иваз карда шудаанд.

Ҳамчунин, моддаи $5^1$ илова шуда, амалигардонии дастгирии давлатӣ дар соҳаи энергетикаро бо мусоидат ба ҷалби сармоягузорӣ, тарҳрезӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, маблағгузории барномаҳои мақсадноки давлатӣ, таъмини фаъолияти иттилоотӣ, ташкил ва иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва ғайра алоқаманд намудааст.

Инчунин, моддаҳои $18^1$, $18^2$ ва $19^1$ илова карда шудаанд, ки мазмунан ва дар маҷмӯъ муносибатҳои марбут ба таҳияву тасдиқи барномаҳои мақсадноки давлатӣ дар соҳаи энергетика, таъминоти илмию техникии соҳа ва ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи мазкур мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор додаанд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» мегузарем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**ҶУМЪАЗОДА Шарифҷон:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» аз тарафи як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 июни соли 2022 қабул карда, мақсад аз такмили қонуни амалкунанда тавассути бо ҳам мутобиқгардонии меъёрҳо бо риояи услуби забони давлатӣ аст ва ба моддаҳои 1, 2, 9 ва 14 тағйироту иловаи дахлдор ворид карда шудаанд, ки хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ доранд.

Чунончи, тавассути тасҳеҳи моддаи 1 сархатҳои якум ва ёздаҳум, ки мувофиқан шарҳи мафҳумҳои «манбаъҳои барқароршавандаи энергия» ва «операторони шабакаи энергетикӣ»-ро муқаррар намудаанд, дар таҳрири нав ифода гардида, аз матни моддаи 2 калимаи «Сарқонуни» хориҷ ва дар қисми 1 моддаи 9 иваз намудани калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамчунин, дар сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 14 калимаҳои «бо захираҳои манбаъҳои энергия» ба калимаҳои «ба захираҳои ин манбаъҳои энергия» иваз карда шудаанд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» мегузарем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**ҶУМЪАЗОДА Шарифҷон: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» аз тарафи як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июни соли 2022 қабул намудааст.

Мақсад аз қабули қонун таъмини истифодаи самараноку сарфакоронаи барқ, инчунин кам кардани талафот ва истифодаи таҷҳизоти барқии каммасраф мебошад.

Ба моддаҳои 8 ва 11 иловаҳо ворид гардида, тибқи онҳо, муайян кардани дараҷаи самаранокии энергетикии мол аз ҷониби истеҳсолкунанда, воридкунанда амалӣ карда шуда, хулосаи мусбати экспертизаи давлатии энергетикӣ шарти ҳатмии тасдиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмон ва навсозии биноҳои истиқоматӣ, маъмурӣ, иншооти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва истеҳсолӣ, аз ҷумла манбаъҳои гармӣ ва барқ, мебошад.

Ҳамчунин, моддаи $6^1$-и иловагардида ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергияро муқаррар намудааст, ки он таҳия ва татбиқи барномаҳои маҳаллӣ, мусоидат барои ҷорӣ намудани таҷҳизот, технологияҳо ва маводи каммасрафро дар доираи татбиқи лоиҳаҳо пешбинӣ намудааст.

Қисми 3 моддаи 12 дар таҳрири нав ифода шуда, мутобиқи он, барои гузаронидани таҳқиқоти энергетикӣ танҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие иҷозат дода мешаванд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошанд.

Мутобиқи иловаи ба қисми 1 моддаи 17 воридгардида, самтҳои дастгирии давлатӣ дар соҳаи энергетикии дуюмбора ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия, инчунин афзоиши шумораи объектҳои онҳоро истифодабаранда мушаххас гардидаанд.

Илова бар ин, ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, ки хусусияти мутобиққунанда, муайянкунанда ва таҳририӣ доранд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» мегузарем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**ҶУМЪАЗОДА Шарифҷон:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» дар партави тавсияҳои муҳокимаи парламентӣ дар мавзӯи «Асосҳои ташкиливу ҳуқуқии таъмини рақобати солим ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо» аз 28 майи соли 2021 аз тарафи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 июни соли 2022 қабул кардааст.

Мақсади қонун аз такмили меъёрҳои алоҳидаи қонуни амалкунанда ва тақвият бахшидани фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ тавассути мушаххасгардонии ваколатҳои он иборат буда, ба қисмҳои 1 ва 6 моддаи 22 тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд.

Тибқи он, мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ минбаъд ваколатдор аст, ки бо тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ дар бораи қатъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ барои вайрон кардани талаботи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар бораи бекор намудани иҷозатномаҳо ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии ба субъекти хоҷагидор додашуда, ки талаботи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон кардааст, ба суд бо аризаи даъвоӣ муроҷиат намояд. Ҳамчунин, мақомоти мазкур метавонад бо мақсади мусоидат ба рушди бозорҳои мол ва рақобат, дастгирии соҳибкорӣ ва ғайриинҳисорӣ намудан ба мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба субъектҳои хоҷагидорие, ки маротибаи аввал ба бозори моли муайян дохил мешаванд, додани на танҳо қарзи имтиёзнок, балки грантҳо низ, тавсияҳо манзур намояд.

Ҳамчунин, қисми 2 моддаи 29 дар таҳрири нав ифода шудааст, ки мутобиқи он, минбаъд аз рӯзи ба суд барои баррасӣ ворид гардидани шикоят иҷрои фармоиши мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ то санаи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд боздошта мешавад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Доир ба ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**РАҲИМӢ Фарҳод:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунэҷодкунии узви Маҷлиси миллӣ ва як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагон таҳия ва пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 майи соли 2022 қабул кардааст.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни зикршуда мутобиқ намудани баъзе аз меъёрҳои он ба дигар санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, дар доираи он ба моддаи $3^1$ қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид шудаанд, ки тартиби савгандёдкунии узви Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагонро мушаххас менамояд.

Мувофиқи тартиби нав, ҳангоми савгандёдкунии узви Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар толори Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад. Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраргардида савганд ёд мекунанд ва зери матни савганд имзо гузошта, онро ба раисикунанда месупоранд ва матни савганди имзонамуда дар парвандаи шахсии онҳо нигоҳ дошта мешавад.

Қонуни конститутсионии мазкур ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» мегузарем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад.

**РАҲИМӢ Фарҳод:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 июни соли 2022 қабул кардааст. Қонун бо мақсади ба низом даровардани муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Ҳамин тариқ, моддаи 1 қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки таъмин ва амалӣ намудани ҳуқуқи инсон ва озодии виҷдон, озодии пайравӣ ба дин, инчунин вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои диниро муайян ва мушаххас менамояд.

Мутобиқи иловае, ки ба қисми 3 моддаи 9 қонуни амалкунанда ворид гардидааст, шахсоне, ки ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, инчунин дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнинро содир кардаанд, муассис ё ходимони иттиҳодияи динӣ шуда наметавонанд.

Ҳамчунин, ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шудааст, ки хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ доранд.

Қонуни мазкур ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» мегузарем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад.

**РАҲИМӢ Фарҳод :**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» бо мақсади мутобиқ, мушаххас ва мукаммал намудани баъзе аз меъёрҳои қонуни амалкунанда аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 июни соли 2022 қабул намудааст.

Иловаи ба қисми 4 моддаи 1 қонуни амалкунанда воридгардида доираи амали қонунро муайян намуда, иловаи воридгардида ба сархати дуюми моддаи 2 мафҳумҳои асосии дар қонуни амалкунанда истифодашударо мушаххас гардонидааст.

Ҳамчунин, ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид шудааст, ки хусусияти мутобиққунанда, муайянкунанда ва таҳририӣ доранд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қаландарзода М. С.» шурӯъ менамоем.

Сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қаландарзода Мавлуда Сатторӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қаландарзода М. С.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Комилӣ Ф.» мегузарем.

Марҳамат, Ализода Зариф, сухан ба шумо.



**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Комилӣ Ф.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Комилӣ Ф.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Азизӣ Ҷ. А.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Азизӣ Ҷ. А.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Азизӣ Ҷ. А.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Усмонзода Т.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Усмонзода Т.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Усмонзода Т.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Р. П.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Р. П.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Р. П.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Комилӣ Ф.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Комилӣ Ф.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Комилӣ Ф.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Хайриддинзода А.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Хайриддинзода А.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Хайриддинзода А.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Одиназода Ҷ. Х.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Одиназода Ҷ. Х.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Одиназода Ҷ. Х.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ёқубзода А. Х.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ёқубзода А. Х.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ёқубзода А.Х.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:- Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Иброҳимзода Ш. С.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

# ҚОНУНҲОИ МУКАММАЛ ТАНЗИМГАРИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ, ИҚТИСОДӢ ВА МУНОСИБАТИ ОИЛАВӢ МЕБОШАНД

**(Идома аз саҳ. 1, 3 - 5)**

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Иброҳимзода Ш. С.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Иброҳимзода Ш. С.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ғуломзода И. Ш.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ғуломзода И. Ш.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ғуломзода И.Ш.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Холиқмуродзода Д. А.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Холиқмуродзода Д. А.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Холиқмуродзода Д. А.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҳафиззода Т. Ҷ.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҳафиззода Т. Ҷ.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҳафиззода Т. Ҷ.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шӯҳратзода У.» мегузарем. Марҳамат, Ализода Зариф, сухан ба шумо дода мешавад.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шӯҳратзода У.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шӯҳратзода У.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Маҳмадзода Х.Б.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Маҳмадзода Х. Б.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Маҳмадзода Х. Б.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Солеҳзода З. Т.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Солеҳзода З. Т.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Солеҳзода З.Т.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Бекзода А. А.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Бекзода А. А.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Бекзода А.А.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Усмонзода Т.» мегузарем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Усмонзода Т.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Усмонзода Т.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Бо истифода аз фурсат мехоҳам роҳбарияти Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судяҳои тозаинтихоби Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба муносибати интихоб гардидан ба мансабҳои нав аз номи худ ва аз номи аъзои Маҷлиси миллӣ самимона табрик гӯям.

Бовар дорам, ки шумо дар фаъолияти корӣ муқаррароти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо ва таъмини қонунияту адолат дар ҷомеа донишу малака ва саъю талоши худро равона месозед. Ба ҳамаи шумо барори кор хоҳонам.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Тибқи талаботи банди 103-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиботи иҷлосия оид ба рафти кори иҷлосия, мурофиатҳо ва ҳуҷҷатҳои ба унвони иҷлосияи Маҷлиси миллӣ воридшуда маълумот манзур менамояд.

Доир ба ин масъала сухан ба раиси котибот Додхудо Фаррух дода мешавад. Марҳамат.

**ДОДХУДО Фаррух:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Унвонии Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум мурофиат, ариза, дархост ворид нашудааст.

**РАИС:- Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасӣ ва нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Доир ба рафти иҷлосия таклифу пешниҳодҳо бошанд, марҳамат иброз намоед. Нест.

Бо ҳамин Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро пӯшида эълон менамоям.

(*Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**АМИНИЁН Хӯҷаназар,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**




# БУРДУ БОХТИ БАРНОМАСОЗӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

### Яке аз даҳгона

Мо дар ҷомеае зиндагӣ дорем, ки касбҳо «мемиранд», касбҳои нав «тавлид» мешаванд. Ҳоло мафҳуми «даҳгонаи беҳтарин» чарх мезанад, ки дар он даҳ касби оянда ва даркорӣ барои чанд соли баъд ном бурда мешавад. Яке аз касбҳои «даҳгонаи беҳтарин» барномасозист.

Мақсади барномасозӣ кори одамонро осонтар кардан маҳсуб шуда, ҳар як маҳсули барномасоз бо супориш ё тақозои ҷомеа тавлид мешавад. Барномаҳои мобиливу компютерӣ, сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо, барномаҳои махсусе, ки дар ширкатҳои нақлиётӣ, бонкҳо, заводҳо, «web-студия» -ҳо ва ғайраҳо маҳсули барномасозон ҳастанд.

Дилхоҳ забони барномасозӣ аз маҷмӯи калимаҳо иборат буда, ҳастанд калимаҳои махсусе, ки барномасозон онҳоро барои бо компютер «гап задан» меомӯзанд. Вақте забони барномасозиро меомӯзанд, қадам ба қадам барнома аз тариқи фармондиҳӣ ба компютер, ки кадом фармон ба иҷрои кадом амал водор мекунад, сохта мешавад.

Барномасозӣ, ба мисли дигар касбҳо, самтҳои гуногун дошта, барномасозон ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд. Гурӯҳе барои телефони мобилӣ ва компютерҳо барнома менависанд, баъзеҳо бозӣ меофаранд, як идда барои роботҳо барнома месозанд, боқимонда барномаҳои заводу ширкат ва бонкҳоро менависанд.

Намояндагони касби мазкур мегӯянд, ки корашон ҳам ҷанбаи манфӣ дорад ва ҳам ҷиҳати мусбат. Манфӣ буданаш дар он зоҳир мегардад, ки одатан «ҳаёти болои курсӣ» доранд, қувваи биноии зиёд сарф намуда, кам ҳаракат мекунанд ва қисми зиёди вақт муоширати маҷозӣ доранд. Дар баробари ин, аз нисбатан кам будани рақобат, кори зиёд ва маоши хуб ёдовар мешаванд, ки ҷиҳати мусбати он ба шумор меравад.

### Ҷавонони мо дар куҷо ин касбро меомӯзанд?

Ҳар нафаре, ки хоҳиш дорад, новобаста аз ҷинсият ва синну сол, метавонад ба омӯзиши ин касб машғул шавад. Илова бар ин, барномасозӣ аз касбҳоест, ки онро метавон аз интернет омӯхт.

Ба қавли барномасоз Мустафо Зубайдуллоев, барои соҳиби ин касб шудан ягон хусусияти модарзодӣ даркор нест.

- Довталабони барномасозӣ бояд хоҳиш, сабр ва фаҳмиши мантиқӣ дошта бошанд. Хоҳиш, барои он ки кор бояд бо шавқи беандоза анҷом ёбад. Сабр, барои он ки ҳаёти барномасоз зиёдтар дар болои курсӣ бо компютер мегузарад ва нафаре муваффақ мешавад, ки соатҳои зиёд кор кунад. Мантиқ, барои он ки зимни навиштани барнома бояд ҳатман мантиқ риоя шавад, дар акси ҳол барномаи сохташударо на муштарӣ мефаҳмад ва на дигар истифодабарандагон, - афзуд ҳамсуҳбати мо.

Ба иттилои Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, ҳоло дар як қатор макотиби олии кишвар донишҷӯёне таълим мегиранд, ки тахассусашон барномасоз аст.

Вале ҷавонони тоҷик ҳоло ба се маркази омӯзишӣ барои омӯхтани касби барномасозӣ мераванд. Инҳо «Алиф академия»-и «Алиф бонк», «Ilmhona» ва «zypl.ai» мебошанд. Тибқи маълумоти мавҷуда, дар «Алиф академия» омӯзиши барномасозӣ ройгон ва дар «Ilmhona» ва «zypl.ai» пулакӣ аст.

«Алиф академия»-ро «Алиф бонк» 1 августи соли 2017 таъсис додааст.

Абдулло Қурбонов, ҳаммуассис ва роҳбари «Алиф бонк» мақсад ва муҳимияти «Алиф академия»-ро чунин гуфт:

- Ҳама кишварҳо, аз ҷумла Ватани азизамон, ба мутахассисон ниёз доранд. Тарбияву таълими муаллимон, табибон, муҳандисон ва садҳо мутахассисони дигар ҳамеша бояд афзалият дошта бошанд. Агар касберо интихоб кунем, ки имрӯз талабот ба омода кардани мутахассисонаш нисбат ба пешниҳод зиёд аст, ин шуғли барномасозист. Дар содироти барномаҳову молҳои зеҳнӣ рақобатпазир буда метавонем. Барномасозони тоҷик барномаҳое навишта истодаанд, ки бо онҳо метавон ифтихор кард, аз ҷумла барномаҳои мураккаби соҳаи бонкӣ. Зиёда аз 2000 нафар аз тариқи барномаҳои «Алиф академия» такмили малака намуда, баъзе аз хатмкардагон дар бонк ва боқимонда дар дигар корхонаҳо кор мекунанд.

Маркази омӯзишии «Ilmhona», ки ба таври дигар «Тезкунандаи малакаҳо» ном бурда мешавад, ҳадаф дорад саводнокии ҷавонони кишварро дар соҳаи технология зиёд кунад. Директори ин марказ Фаррух Умаров гуфт, ки ҳанӯз соли 2017, вақти дар Исроил кор карданаш дарк кард, ки касби барномасозӣ бисёр серхаридор ваояндадор аст. Соли 2014 «Ilmhona» - ро таъсис дод ва ҳоло яке аз самтҳои асосии ин марказ ба ҷавонон омӯзонидани барномасозист.

Дар маркази мазкур омӯзиши барномасозӣ ба ду тарз амалӣ карда мешавад. Якум, як курс дар «Ilmhona» се моҳ давом мекунад ва маблағи таҳсил барои як моҳ аз 300 то 450 сомонӣ мебошад. Ҳар хонандае, ки холи ҷамъбастии имтиҳонаш аз 96 то 100 бошад, дар баробари сертификат 100 фоиз маблағашро бозпас мегирад. Хонандае, ки дар имтиҳон аз 90 то 95 хол мегирад, дар баробари сертификат 75 фоизи пулашро бозпас медиҳанд. Муҳассилине, ки аз 70 то 84 хол мегиранд, танҳо соҳиби сертификати «Ilmhona» мегардад. Ҳар хонандае, ки аз 70 хол кам мегирад соҳиби сертификат намешавад.

Дуюм, ҳар нафаре, ки шароит надорад, вале касб омӯхтан мехоҳад, дар сомонаи марказ менависад ва ба чанд саволи масъулин ҷавоб медиҳад. Вобаста ба мақсаду хоҳиши дархостдиҳанда, аз 50 то 100 фоиз маблағи таҳсилашро кам мекунанд.

Инчунин, «zypl.ai» ҳам барномаи махсусро бо номи «Интеллекти сунъӣ» дорад, ки аз рӯи он ба ҷавонон барномасозиро меомӯзад. Ба гуфти Азизҷон Азимӣ, роҳбари «zypl.ai», бештари устодони марказ нафароне ҳастанд, ки дар хориҷа зиндагӣ ё таҳсил кардаанд. Тибқи иттилои мавҷуда, аз 2017 то охири соли 2020 ҳамаи дарсҳо дар марказ ройгон буданд ва дар ин муддат ба воситаи грантҳо хароҷоташонро мепӯшониданд, вале ҳоло дарсҳо пулакӣ ҳастанд. Зеро ба дарсҳои бепул ҷавонон камтар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

### Ба ҷои хулоса

Ҳоло кишвари мо дар соҳаи барномасозӣ қадамҳои аввал ва ҳамчунин устувор гузошта истодааст. Аз ҷониби дигар, таваҷҷуҳи насли нав ба ин соҳа рӯз аз рӯз меафзояд ва дар як муддати кӯтоҳ, аз марказҳои омӯзишӣ ва макотиби олӣ барномасозони зиёд ба майдон омадаанд.

Вале набояд фаромӯш кард, ки вобаста ба омӯзиш ва кори барномасозӣ дар кишвари мо яке аз мушкилоти ҳалнашаванда ин дастрасӣ ва суръати интернет аст. Дар манотиқи гуногуни мамлакат суръати интернет ба таври бояду шояд нест, ки ба барномасозон мушкилӣ эҷод менамояд.

Умед аст, ки ба ин соҳаи муҳим ва касби барои оянда лозимӣ таваҷҷуҳ боз ҳам зиёдтар мегардад.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

**Барои дарёфти Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино**

# УФУҚҲОИ ТОЗАИ РИЁЗИЁТ



**Силсилаасарҳои академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мамадшо Илолов «Назарияи муодилаҳои эволютсионии абстрактӣ ва татбиқи он» барои дарёфти Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва технология барои соли 2022 пешбарӣ шудааст.**

Силсилаи корҳои пешниҳодшуда аз монографияи «Масъалаҳои Коши барои баъзе синфҳои муодилаҳои абстрактии эволютсионӣ», ки соли 2001 нашр шудааст, бо иловаи 12 мақолаи дар маҷаллаҳои байналмилалии риёзӣ нашршуда иборат аст. Натиҷаҳое, ки дар ин силсилаи корҳо ба даст оварда шудаанд, хусусияти фундаменталӣ дошта, дар модулҳои гуногуни математикӣ, ки ҳангоми омӯзиши масъалаҳои биология, пайдоиши шуоъҳои кайҳонӣ ва робитаи байни параметрҳои электрикии модулҳои фотоэлектрикӣ ва омилҳои беруна, ба монанди шиддати радиатсияи офтоб ва ҳарорат ба миён меоянд, истифода мешаванд. Натиҷаҳо ба таври мухтасар бо нишондиҳандаҳои зерин тавсиф мешаванд:

- Теоремаҳои мавҷудият ва ягонагӣ барои ҳалли масъалаи Коши барои муодилаҳои абстрактии параболӣ бо шартҳои ғайрихаттии аккретивӣ исбот шудаанд. Ин теоремаҳо дар назарияи ғайрихаттии муодилаҳо ва системаҳои параболӣ, биологияи математикӣ татбиқ мешаванд ва умумияти теоремаи маъруфи Ҳилле-Йосид барои операторҳои хаттӣ ба ҳолати ғайрихаттӣ мебошанд;

- Ҳалпазирӣ ва дуруст гузоштани масъалаи Коши барои муодилаҳои эволютсияи хати касрӣ бо дарназардошти хотираи динамикӣ дар фазои Banach исбот шудааст. Ин натиҷа такмил ва рушди минбаъдаи тадқиқоти риёзидонҳои бузурги қарни XX С. Крейн, Т. Като ва П. Соболевский ва шогирдонашон, инчунин дар мавриди муодилаҳои нимхаттии тартиби касрӣ дар масъалаҳои физикаи энергияи баланд корбурд доранд;

- Консепсияи нави интегроли стохастикӣ (тасодуфӣ) пешниҳод шудааст, ки аз интегролҳои маъруфи К. Ито ва Р.В. Стратанович, тавре ки ба синфи муодилаҳои дифференсиалии стохастикии тартиби касрӣ тадбиқ мешавад, ки аз ҷараёни тасодуфии мутлақ ё садои сафеди навъи Балакришнан дар фазои Ҳилберт халалдор мешавад. Бо истифода аз мисоли ҳисоб кардани ҳосилаи Радон-Никодим барои ченакҳои ниҳоии аддитивӣ ба мақсад мувофиқ будани ҷорӣ намудани интегроли нави стохастикӣ нишон дода мешавад. Бояд гуфт, ки элементҳои аввалини чунин ҳисобҳои интегролӣ ба риёзидони машҳури амрикоӣ А. Балакришнан ва рушди босуръати риёзиёти молиявӣ ангезаи таҳқиқоти амиқтар ба консепсияи нави ҳисобҳои интегролӣ ва дифференсиалии стохастикӣ мебошад.

Мамадшо Илолов мутахассиси варзидаи соҳаи муодилаҳои абстрактии эволютсионӣ ва тадбиқи он дар омӯзиши масъалаҳои гуногуни амалии физикӣ, техникӣ, биология ва тиб буда, натиҷаҳои барҷаста ба даст овардааст. Вай нахуст назарияи муодилаҳои эволютсионии касриро дар фазоҳои беандоза офарида, зимнан асосгузори мактаби илмии ин самт дар Тоҷикистон гардид, ки дар Россия, ИМА, Қазоқистон, Эрон ва Туркия пайравони зиёд дорад.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника қадрдонӣ шудани академик Мамадшо Илолов баҳогузории муносиб ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-ташкилии риёзидон мебуд. Мавсуф чун риёзидон бештар мутахассиси соҳаи назарияи муодилаҳои эволютсионӣ маҳсуб мешавад. Самтҳои асосии пажӯҳиши илмии мансуб ба Мамадшо Илолов назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ, тадбиқи онҳост ва номбурда таърихи иктифоъ ба улуми ҳосилшударо инқирози илм донистааст. Ӯ дар китоби «Илм ва замон» ин фарзияро баён намудааст: «Набояд фаромӯш кард, ки робитаи мутақобилаи илм ва ҷомеа низ нисбат ба солҳо ва давраҳои пеш шакли сифатан навро касб намудааст. Ҷомеаи тоҷик анъанаҳо ва суннатҳои хосро дорост ва бешак, олимони тоҷик дар омӯзиш ва рушди чунин суннатҳо ҳиссаи бузург доранд. Аз ҷониби дигар, илм дар сарҳади давлатӣ тамом намешавад».

Дар мақолаи илмии ба Абуалӣ ибни Сино бахшидашуда ҳамон бахши табиӣ - илмии нобиғаро баррасӣ карда, оқибат бо истифода аз санъати қиёс бузургии Синоро аз соири бузургони илму дин исбот мекунад: «Сино бар хилофи Феофраст, ки аз ҷонибдорони назарияи худ ба худ пайдо шудани рустаниҳо буд, назарияи танҳо аз тухм пайдо шудани онҳоро пешниҳод месозад ва вобастагии байни муҳиту рустаниҳоро возеҳ тасвир менамояд. Дар айни ҳол ӯ бар хилофи Арасту ақида дошт, ки ҳайвонот танҳо аз нутфа пайдо шуда, рушд менамоянд. Дар Аврупо ин гуна назарияҳо танҳо дар асри XIX пайдо шуданд. Ин далел аст, ки Абӯалӣ ибни Сино пайрави одии пешиниён нест, балки олими эҷодкор ихтироъкор мебошад ва назариёти ӯ аҳамияти илмии худро то ба ҳол аз даст надодааст».

Академик Мамадшо Илолов зимни мусоҳибае ба таҳлили макотиби илмӣ пардохтааст: «Мактаби илмии риёзӣ чист? Ду созмондиҳандаи мактаби илмӣ маълуманд, яъне устод ва шогирд. Вале дар баробари равобити «устод - шогирд» бояд мавзӯи илмие бошад, ки хоси ҳамин мактаб аст. Шеваи таҳқиқ низ дар мактаби илмӣ аз они худист. Дар ҳолати мавҷудияти мавзӯъ ва шеваи таҳқиқ мактаби илмӣ арзи ҳастӣ мекунад ва муддати кӯтоҳ ба натиҷаи илмӣ даст меёбад».

Масъалаи асосии баррасиҳои илмӣ ҷудо кардани он ба бунёдиву амалӣ такя мекунад. Бинобар ин, мавзӯи мушаххас бо унвони «нурҳои кайҳонӣ» ба аксар улуми табиӣ дахл дошта, тибқи асолат таҳқиқ мешавад. Академик Мамадшо Илолов дар ин маврид мегӯяд: «Дар баробари илми бунёдӣ, ки асосан ба пайдо кардан ва зам намудани дониши нав равона шудааст, илми амалӣ низ ба физикаи нурҳои кайҳонӣ ва физикаи заррачаҳои элементарӣ робита дорад. Сухан дар бораи масъалаҳои энергетикаи атомӣ ва ядроӣ меравад. Ду самти омӯзиши заррачаҳо маъруф ҳастанд: яке, таҳқиқи хосияти онҳо дар суръатфизоҳои хаттӣ, сиклотронҳо, синхрофазатронҳо ва коллайдерҳо; дигаре, дар майдончаҳои таҳқиқотиву озмоишӣ дар баландкӯҳҳо, ки дар онҳо селаи нурҳои кайҳонӣ ба Замин мерезанд».

Дар таълифоти зикргардида академик Мамадшо Илолов рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқро дар давраи асримиёнагӣ баррасӣ карда, бартарии онҳоро аз улуми ҷомеашиносӣ қайд менамояд: «Дар фарҳанги асримиёнагии тоҷику форс барои рушди илмҳои математика ва астрономия низ шароити мусоид фароҳам омада буд. Олими барҷастаи асри IX Муҳаммади Хоразмӣ ва асари машҳури ӯ «Китоб-ул-ҷабр ва –л-муқобила» боиси пайдоиши як бахши илми риёзӣ – алгебра гардид ва аз овонавишти лотинии номаш истилоҳи ҳозираи илмӣ алгоритм ба вуҷуд омадааст. Риёзидонони мовароуннаҳрӣ дар бахши илми мусалласот (тригонометрия) ҳам бештар аз 100 ҷадвали дақиқи тригонометрӣ мураттаб сохта буданд, ки ҷадвали аз ҳама аниқи он маҳсули расадхонаи Самарқанд будааст». Ба ибораи дигар, академик зимни таҳқиқи илм ба таърихи он мутаваҷҷеҳ шуда, масъалаи ба илм рӯоварии аҷдодони моро хеле хуб арзёбӣ мекунад ва гузашта аз ин, мутазаккир мешавад, ки нақши уламои тоҷик дар гузашта мавриди истиқболи ҷаҳониён гардидааст. Ҳамчунин, Мамадшо Илолов ба ҳайси олими шинохта бахшҳои гуногуни илмро дар замони шӯравӣ таҳқиқ намуда, чеҳраҳои калидии рушди соҳавии улуми ватаниро муаррифӣ мекунад ва зери унвони «мактаби риёзии тоҷик» таърихи пайдоиш ва рушди илми риёзиро дар кишвар баррасӣ менамояд. Аз ҷумла, менависад: «Яке аз самтҳои муосир ва хеле васеъ тадбиқшавандаи риёзиёт таҳлили функсионалӣ ба ҳисоб меравад. Рушди ин шохаи риёзиёт дар Тоҷикистон аз аввали солҳои 60-уми асри XX шурӯъ мешавад ва он, пеш аз ҳама, аз равобити илмии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Воронеж сарчашма мегирад».

Дар китоби «Илм дар замони Рӯдакӣ» (Душанбе, 2008) зумраи неруманде аз донишмандони бо Рӯдакӣ муосирро мебинем, ки академик ба онҳо таваҷҷуҳ доштааст. Дар миёни онҳо риёзидону ҳайатшиносон, табибу ҷуғрофидонон ва донишмандони энсиклопедист ҳастанд ва ин ҷо чандин донишманди он замонро меорем: Аббоси Ҷавҳарӣ (риёзидон), Абдулҳамиди Хуталӣ (ҳисоб), Абдураҳмони Суфӣ (ҳайатшинос), Абулвафои Бузҷонӣ (табиатшинос), Абумаҳмуди Хуҷандӣ (ихтироъкор), Закариёи Розӣ (пизишк) ва ғайра. Ин омил шаҳодат аз он медиҳад, ки Мамадшо Илолов таърихи илми табиатшиносиро дар садаҳои XIII – X муҳаққиқ шуда, асрори улуми табииро дар даврони Сомониён ҳамаҷониба муаррифӣ намудааст.

Дигар китобе, ки ҷиҳати баррасии ақоиди академик саҳмгузор мебошад, ҳамон муколамаи олим аст, ки «Тоҷикистон дар чорраҳаи Ховару Бохтар» номгузорӣ шудааст. Дар ин муколама академик ҷиҳати мушкилиҳои минтақавӣ бо дарназардошти тағйирёбии иқлим изҳори андеша карда, зимнан ин ҳарфҳоро изҳор мекунад: «Чунон ки мушкилии хушк шудани баҳри Арал проблемаи як худи Ӯзбекистон нест, хатари фурӯ рехтани оби кӯли Сарез ҳам проблемаи танҳо Тоҷикистон нест. Албатта, чунонки падару модарро баргузидан амри муҳол аст, кишвари ҳамсояро низ интихоб карда намешавад. Ҳамзамон, ба назар бояд гирифт, ки мо, ҳама дар як киштии экологӣ нишастаем». Ин ҷо метавон дарк намуд, ки бинобар хушкшавии оби баҳри Арал намак бухор гардида, боз ба замин дар шакли жола ё тавассути хокбориш мерезад ва хушксолӣ, камҳосилӣ низ аз ҳамон намаки баҳрист, ки ба минтақа як хел зиён меорад. Аз ҳамин хотир, обшавии пиряххо низ дар оянда мушкили дардзо ба бор хоҳад овард. Бинобар ин, ҷиҳати рафъи мушкилӣ бояд бо ҳам якмаром бошем.

Нақши академик Мамадшо Илолов дар рушди илм, ба вижа улуми дақиқ, хеле бузург аст ва боэътимод метавон гуфт, ки мавсуф дар самти мазкур саҳми бориз дорад.

**Зарулло РАҲМОНОВ,**
**академики АМИТ, директори Институти риёзиёти ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ,**
**Нусрат РАҶАБОВ,**
**академики АМИТ, профессори кафедраи «Таҳлили риёзӣ» - и ДМТ,**
**Мирганд ШАБОЗОВ,**
**академики АМИТ, профессори кафедраи «Муодилаҳои дифференсиалӣ ва таҳлили функсионалӣ» - и ДМТ**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410394 | Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 25.07.2022 09:07:00 |
| 2 | 410391 | Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороиши шаҳри Душанбе» | Истеҳсол ва насби тахтаҳои баннерӣ бо навиштаҷот: корҳои васлкунӣ дар рӯшноӣ аз мониторҳои LED ва истеҳсоли дарахти равшании сунъӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 25.07.2022 15:10:00 |
| 3 | 410393 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҳудуди боғи «Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва МД «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.08.2022 15:45:00 |
| 4 | 410395 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири бинои ёрирасон ва кафедраҳои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.08.2022 15:50:32 |
| 5 | 410400 | Муассисаи давлатии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 03.08.2022 17:55:00 |
| 6 | 410401 | Муассисаи давлатии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хуҷанд | Ҳезум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 03.08.2022 18:00:00 |
| 7 | 410402 | Беморхонаи марказии ба номи И. Юлдошеви ноҳияи Деваштич | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 03.08.2022 18:05:00 |
| 8 | 410403 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 54 | 03.08.2022 18:15:00 |
| 9 | 410404 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 03.08.2022 18:25:00 |
| 10 | 410405 | Беморхонаи марказии ба номи И. Юлдошеви ноҳияи Деваштич | Хишти пухта | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 03.08.2022 18:35:00 |
| 11 | 410406 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ - санитарӣ»-и шаҳри Истаравшан | Таҷҳизоти тиббӣ барои эҳтиёҷоти КАТС-и шаҳри Истаравшан | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 03.08.2022 18:45:00 |
| 12 | 410407 | Корхонаи давлатии коммуналии идораи сохтмони асосии шаҳри Хуҷанд | Азнавбарқароркунии варзишгоҳи Спартаки шаҳри Хуҷанд (корҳои пармакунӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.08.2022 19:45:45 |
| 13 | 410408 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 03.08.2022 19:45:45 |
| 14 | 410409 | Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент | Таъмири хобгоҳи коллеҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.08.2022 19:45:45 |
| 15 | 410410 | Раёсати тандурустии вилояти Суғд | Инвентари нарм барои эҳтиёҷоти раёсат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 03.08.2022 19:45:45 |
| 16 | 410411 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази клиникавии дермато - венерологии вилояти Суғд» | Инвентари нарм барои эҳтиёҷоти муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 03.08.2022 19:45:45 |
| 17 | 410412 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18 ба номи Садриддин Айнии шаҳри Хуҷанд | Сохтмони майдончаи варзишӣ, таъмири синфхонаҳо ва идомаи корҳои гузаронидани системаи гармидиҳӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.08.2022 19:45:45 |
| 18 | 410413 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Б. Ғафуров | Планшет барои эҳтиёҷоти мақомот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 03.08.2022 19:45:45 |
| 19 | 410414 | Муассисаи давлатии «Маркази беморхонаи дил ва ҷарроҳии дилу рагҳо»- и вилояти Суғд | Идомаи корҳои сохтмони анборхона дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.08.2022 19:45:45 |
| 20 | 410415 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Меҳмонхонаи Суғдиён»-и шаҳри Хуҷанд | Аудио ва видео, таҷҳизоти зали конфронсӣ барои эҳтиёҷоти корхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 03.08.2022 19:45:45 |
| 21 | 410399 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Таъмири ҷорӣ дар бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.08.2022 08:20:00 |
| 22 | 410390 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 113 | 04.08.2022 08:40:00 |
| 23 | 410416 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Таъмир ва хизматрасониҳои техникии насос, вентил, кран, зарфҳои металлӣ ва таҷҳизоти гарму сарддиҳанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 04.08.2022 09:00:00 |
| 24 | 410421 | Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббӣ – санитарӣ | Кушетка, ҷевони тиббӣ, мебел ва таҷҳизоти маишӣ барои эҳтиёҷоти Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббии санитарии ноҳияи Б. Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 04.08.2022 09:35:00 |
| 25 | 410417 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ дар назди МТМУ №3-юми ноҳияи Зафаробод (насби дарҳо дар масоҳати 341 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.08.2022 10:00:00 |
| 26 | 410418 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Гулҳои мавсимӣ барои иншооти «Маҷмааи навбунёди қабули меҳмонони олиқадр дар шаҳри Гулистон» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 04.08.2022 10:00:00 |
| 27 | 410419 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Таъмир ва таҷдиди ҳаммомхона, ҷойи дастурӯйшӯйӣ, ҷойи ҷомашӯйӣ ва минбар дар майдони машқии баталёни қисми ҳарбии Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.08.2022 10:00:00 |
| 28 | 410420 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Панҷакент | Таъмири меҳмонхонаи «Саразм» дар шаҳри Панҷакент (корҳои сантехникӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.08.2022 10:00:00 |
| 29 | 410422 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Панҷакент | Таъмири меҳмонхонаи «Саразм» дар шаҳри Панҷакент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.08.2022 10:30:00 |
| 30 | 410423 | Муассисаи давлатии «Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии дорои кӯдакистони №15»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Молҳои идоравӣ ва маишӣ, нассоҷӣ, таҷҳизоти офис, насос, аробаҳо ва ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 63 | 04.08.2022 11:00:45 |
| 31 | 410425 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Таҷҳизоти барқӣ (муфтаҳо, ҷудокунакҳо ва оиқҳо) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 04.08.2022 15:00:00 |
| 32 | 410426 | Муассисаи давлатии «Хонаи кӯдакони №2»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 04.08.2022 15:00:00 |
| 33 | 410392 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт, равғани муҳаррик ва аккумулятор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 190 | 04.08.2022 15:30:00 |
| 34 | 410427 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мебел, кондитсионер, дастгоҳи бисёрфунксионалӣ, компютер, UPS ва қолини роҳрав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 05.08.2022 13:35:00 |
| 35 | 410428 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Шина ва аккумулятори автомашина | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 05.08.2022 14:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

**аз 5 июли соли 2022, № 64, шаҳри Душанбе**

**Дар бораи Дастурамали аз мақомоти давлатӣ дар ҳомилҳои коғазӣ ва мошинӣ (электронӣ) гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ 010.220.000.**

Мутобиқи банди 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006, №359 «Дар бораи Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ» ва банди 19 Низомномаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №413 тасдиқ карда шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Дастурамали аз мақомоти давлатӣ дар ҳомилҳои коғазӣ ва мошинӣ (электронӣ) гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Раёсати баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фармоиши мазкурро тибқи тартиби муқаррargardida ба қайди давлатӣ гирад ва пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Фармоиши вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2009, №54 «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамали аз мақомоти давлатӣ дар ҳомилҳои коғазӣ ва мошинӣ гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир - сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

**Вазир Музаффар АШУРИЁН**

**Шакли пурраи «Дастурамали аз мақомоти давлатӣ дар ҳомилҳои коғазӣ ва мошинӣ (электронӣ) гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ 010.220.000» дар сомонаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон www.minjust.tj ҷой дода шудааст.**

**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами Р/Б 1175 аз 6 июли соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.**

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо
Дафтари барномаҳо дар Душанбе

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарикони рушд - Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар шаҳри Душанбе, Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, Иттиҳоди Аврупо, UNICEF ва USAID маблағгузорӣ шудааст, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи лоиҳаи «Коҳиши хавфи офатҳои табиӣ» (САҲА):**

Лоти 1: Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ;

Лоти 2: Ташкил ва таъмини шароит барои хӯроки нисфирӯзӣ ва кофебрейкҳо;

Лоти 3: Маводи сӯзишворӣ барои нақлиёт, (дизелӣ);

Лоти 4: Таъмини қуттии ёрии аввал (барои гузаронидани семинару тренингҳо);

Лоти 5: Таъмини маводи кумитаи маҳал оид ба ҳолатҳои фавқулода;

Лоти 6: Таъмини маводи конселярӣ.

**Аз рӯи лоиҳаи «Амал дар асоси пешгӯӣ»:**

Лоти 7: Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ;

Лоти 8: Ташкил ва таъмини шароит барои баргузории кофебрейкҳо.

**Аз рӯи лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити буҳрони гуманитарӣ ва тандурустӣ» (ECHO PPP):**

Лоти 9: Таъмини маводу таҷҳизоти корӣ «Оргтехникӣ»;

Лоти 10: Ташкил ва таъмини шароити зарурӣ ҷиҳати баргузории семинару тренингҳо дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

**Аз рӯи лоиҳаи «гуногун»:**

Лоти 11: Таъмини маводу таҷҳизоти конселярӣ;

Лоти 12: Ташкил ва таъмини шароитҳои зарурӣ ҷиҳати баргузории семинару тренингҳо дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

**Аз рӯи лоиҳаи IMMUNISATION:**

Лоти 13: Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ.

**Аз рӯи лоиҳаи «Ташаббуси таҳкими шарикии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) ва ФБҶ СС ва ҲА бо маблағгузории ЮНИСЕФ;**

Лоти 14: Таъмиру тармими Маркази идоракунию иттилоотии изтирорӣ;

Лоти 15: Хариди таҷҳизоти техникӣ.

**Аз рӯи лоиҳаи «Омодагӣ ба воридшавии эҳтимолии гурезагон (Emergency Appeal: MDR65006, Population Movement)» бо маблағгузории Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар:**

Лоти 16: Таъмиру тармими дафтари кории филиали Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон;

Лоти 17: Сохтмони ҳоҷатхона ва душхона (ҳаммом) дар назди филиали Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон;

Лоти 18: Таъмиру тармими дафтари кории филиали Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон.

**Аз рӯи Барномаи «Тақвияти иқтидори маҳаллӣ ва миллӣ ҷиҳати омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар кишварҳои аз заминларза ва офатҳои табиӣ осебпазири Осиёи Марказӣ» аз ҷониби Бюрои кумакҳои башардӯстонаи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ маблағгузорӣ мешавад (USAID\BHA):**

Лоти 19: Таҷҳизот ва либоси махсус (униформа) барои аъзои кумитаҳои маҳал оид ба ҳолатҳои фавқулода ва гурӯҳҳои миллии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода;

Лоти 20: Чопи маводи иттилоотӣ ва тайёр намудани лавҳаҳои иттилоотӣ.

Лоти 21: Насби таҷҳизоти зиддисӯхтор ва насби рафҳо (стеляжы) дар анбори марказии ҶҲАТ.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон, дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар соатҳои корӣ бо рақами телефони **224-42-85** занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри **Душанбе, кӯчаи У. Хайём, 120** унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо - *то 25 июли соли 2022, соати $09^{.00}$ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.*

# INVITATION FOR BIDS

| | |
|---|---|
| Date: | 19 July 2022 |
| Loan/Grant No. and Title: | G0576/0577-TAJ: Water Resources Management in the Pyanj River Basin Project (Additional Financing) |
| Contract No. and Title: | H-G-02: Hydromet monitoring equipment and installation e.g., river gauges and weather stations |
| Deadline for Submission of Bids: | 30 August 2022 at 3:00 pm (Dushanbe time) |

1. The Republic of Tajikistan has received financing from the Asian Development Bank (ADB) toward the cost of Water Resources Management in the Pyanj River Basin Project (Additional Financing), and intends to apply part of this financing will be used for payments under the Contract named above. Bidding is open to Bidders from eligible source countries of ADB.

2. The State Agency for Hydrometeorology of the Committee of Environmental Protection under the Government of the Republic of Tajikistan («the Purchaser») invites sealed bids from eligible Bidders for the Hydromet monitoring equipment and installation e.g., river gauges and weather stations («the Goods»).

The goods shall be supplied and installed within 180 (one hundred and eighty) days after the signing of the contract.

3. International Competitive Bidding (ICB) will be conducted in accordance with the ADB's Single-Stage: One-Envelope bidding procedure and is open to all Bidders from eligible countries as described in the Bidding Document.

4. Only eligible Bidders with the following qualifications should participate in this bidding:

• Successful completion as main supplier within the last 3 (three) years, of at least 2 (two) contracts each valued at USD 299,250 (two hundred ninety-nine thousand two hundred fifty) with nature, and complexity similar to the scope of supply described in Section 6 (Schedule of Supply).

• Minimum average annual turnover of $ 748,120 (seven hundred forty-eight thousand one hundred twenty) calculated as total payments received by the Bidder for contracts completed or under execution over the last 3 (three) years.

The complete qualification criteria are described in the Bidding Document.

5. To obtain further information and inspect the bidding documents, Bidders should contact:

Project Implementation Group
State Agency for Hydrometeorology
Committee of Environmental Protection under the Government of the Republic of Tajikistan 373 Bobojon Gafurov Street, 734034, Dushanbe, Tajikistan Telephone: +992 918383636 Email: pig.hydromet@gmail.com

A pre-bid meeting which potential bidders may attend will be held on
Date: 01 August 2022
Time: 10:00 a.m. (Dushanbe time)
Place: Bobojon Gafurov Street of Sino district (84 micro district), Dushanbe city, Republic of Tajikistan (new campus of State Agency for Hydrometeorology)

6. To purchase the bidding documents in English, eligible Bidders should:

• write to address above requesting the bidding documents for H-G-02: **Hydromet monitoring equipment and installation e.g., river gauges and weather stations.**

• Pay a non-refundable fee of US$ 100 (one hundred), equivalent to Tajik Somoni (TJS), by bank transfer to a dedicated account in TJS:

**State Agency for Hydrometeorology**
**The First Microfinance Bank**
**TIN: 020009504**
**MFO (IBT): 350101800**
**Correspondent account: 20402972118051 Account in USD: 20206840702000149901**
**Account in Tajik Somoni: 20202972901499010000**

**7. Deliver your bid to the address below**
**State Committee on Investments and State Property Management of the Republic of Tajikistan**
**Street Address: 27 Shotemur Street**
**Floor/Room number: First Floor, Room 10**
**City: Dushanbe**
**ZIP Code: 734025**
**Country: Republic of Tajikistan**

• on or before the deadline: **30 August 2022 at $3^{00}$ p.m. (Dushanbe time)**

• together with a Bid Security as described in the Bidding Document

Bids will be opened immediately after the deadline for bid submission in the presence of Bidders' representatives who choose to attend. The State Agency for Hydrometeorology will not be responsible for any costs or expenses incurred by bidders in connection with the preparation or delivery of bids.

# ВНИМАНИЕ, ВАКАНЦИЯ!

ГУ Республиканский центр защиты населения от туберкулеза МЗ и СЗН Республики Таджикистан объявляет конкурс на основание договора

**1.Специалисть по лекарственным складам 2 чел.**

**Обязанностей**

- Руководит работой склада по приему, хранению и отпуску товаров, по их размещению с учетом наиболее рационального использования складских площадей, облегчения и ускорения поиска необходимых товаров
- Обеспечивает сохранность складируемых товаров и соблюдение режимов хранения
- Отслеживает срок годности товарно-материальных ценностей
- Отпускает товарно-материальные ценности с учетом правил по отпуску FEFO/FIFO
- Организует проведение погрузочно-разгрузочных работ на складе с соблюдением правил техники безопасности, производственной санитарии и противопожарной защиты
- Обеспечивает комплектацию партий товаров по заявкам ТБ - учреждений
- Ведет учет и отчетность складских операций, включая электронную отчетность
- Обеспечивает выполнение правил оформления и сдачи приходно-расходных документов
- Следит за наличием и исправностью противопожарных средств, состоянием помещений, оборудования и инвентаря на складе и обеспечивает их своевременный ремонт.
- Организует проведение инвентаризации товарно-материальных ценностей
- В случае обнаружения брака, порчи, других недостатков изделий, либо упаковки без товара немедленно оповещать заведующего складом для составления акта о вышеперечисленных недостатках.

**Документы отправлять по адресу finansist-6800@ mail.ru azamova.shahnoza@mail.ru, gulnora.j@mail.ru г. Душанбе, ул. Бухоро 53. Телефон: 900-00-62-22.**

**Срок подачи документов до 28 июля 2022 года $16^{00}$ часов.**

**Адрес: г. Душанбе, ул. Бухоро 53.**

# МУЗОЯДА!

Иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе **19 августи соли 2022 соати $10^{00}$** ба тариқи музоядаи оммавии такрорӣ манзили истиқоматии багаравгузоштаи қарздор - Саидҷаъфари Мирзораҷаб ва Хусайнова Нилуфар иборат аз 3 ҳуҷра бо масоҳати умумиии 64,4 $м^2$, масоҳати зист - 46,5 $м^2$, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, бинои 224, ҳуҷраи 12 бо арзиши 220500 (дусаду бист ҳазору панҷсад) сомонӣ бо кам кардани 15 фоиз ба фурӯш мебароранд.

Савдо дар ҷойи воқеъгаштаи амвол гузаронида мешавад. Шахсе, ки дар савдо бурд кардааст ва доиркунандаи савдо дар рӯзи гузаронидани музояда оид ба натиҷаҳои савдо протокол ва шартномаи хариду фурӯш ба имзо мерасонанд.

Шахсоне, ки хоҳиши дар савдо иштирок кардан доранд, ухдадоранд маблағи пешпардохтро ба андозаи 5 % аз арзиши амвол то баргузории музояда пардохт намоянд.

Хоҳишмандон метавонанд барои иштирок дар музояда ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба утоқи 30 ё тавассути телефони 235-21-69 то 18 августи соли 2022 муроҷиат намоянд.

# ҶУСТУҶӮ МЕКУНАМ

Ман, Тащилина Татьяна Ивановна, шавҳарам - Тащилин Анатолий Евгеньевич, соли таваллудаш 25 январи соли 1962, истиқоматкунандаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чоргултеппа, деҳаи Мадад-1, бинои 30, ҳуҷраи 2-ро ҷустуҷӯ дорам.

Шахсоне, ки ӯро дидаанд, хоҳишмандам бо телефони 909-69-24-42 хабар диҳанд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А 01753514-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 19 феврали соли 2019 ба Раҳмонова Раъно Ҳабибуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 0930147460-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор 28 феврали соли 2018 ба Исматов Ашурали Абдуҳалимович додааст, эътибор надорад.

✓Патенти соҳибкории № 0254464 бо РЯМ 0331328159-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2016 ба Мардонов Раҷабали Боронович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи ДТО № 0232618 таҳти № 559-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2011 ба Садиров Ворис Зайдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии ҳавлидории № 8338-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2011 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳисор, бинои 37/3, ҳуҷраи 37 ба Сулейманов Мансур додааст, эътибор надорад.

✓Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 013018441, РМА 127292160-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Нурализода Асҳобудин Саҳобудин додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии № 42773-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 1992 ва шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи № 9Д-1903-и гумшуда, ки онро Идораи якуми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 7 июли соли 1992 бо суроғаи кӯчаи Беҳзод, хонаи 1 ба Сериков Борис Леонидович додааст, эътибор надоранд.

✓Шиносномаи техникии № 4976 ва шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи № 8Д – 4512-и гумшуда, бо суроғаи кӯчаи Ҷ. Расулов, бинои 41/2, ҳуҷраи №5, мутааллиқ ба Бозоров Лутфулло Одинаевич, эътибор надоранд.

✓Мошинаи назорати хазинавии «Миника – 1105 Ф» таҳти №2016025-и гумшуда, мутааллиқ ба соҳибкор Фозилов Давлатхуҷа Аҳмадхуҷаевич, эътибор надорад.

✓Диплом ва замима ба дипломи силсилаи ТС № 0037028 таҳти қайди №86-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2003 ба Эргашев Алиджон Хакимжонович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии ҳавлидории №16/912, ки онро КФББТ-и ноҳияи Сино ва шартномаи хариду фурӯши гумшуда бо суроғаи кӯчаи Яккачинор, бинои 152, ҳуҷраи 47 ба Кузяева Галина Васильевна додааст, эътибор надоранд.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

**САРМУҲАРРИР**
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Некқадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 18 июли соли 2022, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34705 нусха*

**Навбатдорони шумора**
С. Суннатӣ ва Б. Каримзода

**Тарроҳони компютерӣ**
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров